хизмати маишӣ, матбаа ва дигар муассисаҳои истеҳсолӣ мавҷуд аст.

Дар Хоруғ донишгоҳи олӣ, омӯзишгоҳҳои тиббӣ, техникӣ, омӯзгорӣ, мусиқӣ амал мекунанд. Театри драмаи мазҳакаи ба номи Рӯдакӣ, қасри фарҳанг, осорхонаи кишваршиносӣ ва дигар иншоотҳо ба ин шаҳр ҳусни тоза ато намудаанд.

Муассисаҳои илмии Хоруғ—Пажӯҳишгоҳи биологии Помир, боғи ботаникии Хоруғ, Пажӯҳишгоҳи ҷомеашиносӣ шӯҳрати ҷаҳонӣ доранд.

Хоруғ аз соли 1925 маркази вилоят ва аз 27 ноябри соли 1932 шаҳр шуд.

Бунёди Донишгоҳи байналмилалии Кӯҳистон дар шаҳри Хоруғ ва ба истифода дода шудани шоҳроҳи Кӯлоб-Кулма-Қароқурум шаҳри Хоруғро ҳамчун маркази тиҷорат ба ҷаҳон хоҳад пайваст.

## Савол ва супориш:

*1. Норак аз кадом сол ба кадом муносибат ба шаҳр табдил ёфт?*
*2. Нерӯгоҳи барқии Норак кадом сол ба истифода дода шуд?*
*3. Кадом силсиланерӯгоҳҳои барқиро дар қад-қади дарёи Вахш медонед?*
*4. Шаҳри Қӯрғонтеппа кай таъсис ёфтааст ва аз кай арзи вуҷуд кардааст?*
*5. Номи қадимаи Қӯрғонтеппа кадом аст ва аз кай арзи вуҷуд кардааст?*
*6. Дар хусуси наҳрҳои Ҷӯйбор, Ҷӯйи Хонум ва теппаи маркази шаҳр чӣ медонед?*
*7. Кадом корхонаҳои калони саноатии шаҳри Қӯрғонтеппаро медонед?*
*8. Оид ба таърихи шаҳри Кӯлоб ва Хуҷанд чӣ медонед?*
*9. Кай 2700-солагии шаҳри Кӯлобро ҷашн гирифтанд?*
*10. Хуҷанд замони ҳуҷуми арабҳо, муғул, Руссияи подшоҳӣ дар кадом вазъ буд?*
*11. Хуҷанд баъди Инқилоби Октябр аз кай чун шаҳр таъсис ёфт?*

*12. Кадом марказҳои саноатӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва маърифатии шаҳри Хуҷандро медонед?*
*13. Шаҳри Хоруғ ва мавқеи ҷойгиршавии онро гӯед, муассисаҳои асосии шаҳрро номбар кунед.*
*14. Хоруғ кай маркази вилоят ва аз кай чун шаҳр эътироф шуд?*
*15. Бунёди Донишгоҳи байналмилалӣ ва шоҳроҳи Кӯлоб-Кулма Қароқурум ба пешрафти тиҷоратии Хоруғ чӣ нақше доранд?*
*16. Аз харитаи Тоҷикистон шаҳрҳои Норак, Қӯрғонтеппа, Хуҷанд, Хоруғ ва дарёҳои Вахш, Сурхоб, Хингоб ва Ғундро нишон диҳед.*
*17. Дар мавзӯи «Роҳ — шаҳраги ҳаёт» ҳикояча нависед.*

**Дарси 30**

## МӮЪҶИЗАИ ИСФАРА



Агар рафту гузоратон ба Исфара афтад, ҳатман як сари қадам ба осоишгоҳи «Зумрад» дароед. Номи «Зумрад» шакли кӯтоҳшудаи «Зумуррад», «Зумурруд», «Зумруд» буда, лафзи юнонист. Санги гаронбаҳои сабзрангро зумуррад мегӯянд.

Осоишгоҳи «Зумрад» соли 1970 таъсис ёфта, дар баландии 940 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шуда, дар мавзеи зеботарини ноҳияи Исфара дар масоҳати 20 гектар доман паҳн кардааст. Табиати хушманзара, оби софу ҳавои тозааш ва мардуми инсондӯсту меҳнатқаринаш ба бинанда бетаъсир намемонад.

Соле зиёда аз 8-10 ҳазор нафар беморон дар ин осоишгоҳ саломатии худро барқарор мекунанд. Дар ин ҷо ба зиёда аз 60 намуди касалиҳои хоси осоишгоҳ даво мебахшанд. Оби шифои он аз селроҳаи шаҳраки Ким оварда мешавад, ки онро табибон барои табобати маризиҳои узвҳои асабу рагҳои хунгард, дилу пайванди устухону мушакҳо ва бемориҳои занона истифода мебаранд. Ҳамчунин муми кӯҳӣ низ барои табобати касалиҳо ба кор бурда мешавад. Осоишгоҳ маҳсулоти нафтро, ки нафталан ном дорад, аз Озарбойҷон мегирад. Лойи шифобахши табииро аз кӯли Оқсуқони ноҳияи Ашт мекашонанд. Ҳамчунин беҳтарин дармони беморон забони хуши табибон, лафзи ширини кормандони осоишгоҳ аст.

Чойхонаи «Сино» бошад, бемуболиға гӯшаи дилкаштарини осоишгоҳ буда, он барҳақ намунаи санъати волои ҳунармандони Исфара аст. Ин зебоию нафосат на танҳо дилҳоро шод мегардонад, балки ба кас оромиву осудагӣ ва алалхусус ба дилҳои беморон таскин мебахшад, ки ин ҳам як намуди табобати рӯҳи инсон аст. Чойхонаи «Сино» дар байни биноҳои зебои шифохона яке аз дурдонаҳои бебаҳост. Ин мӯъҷизаи санъати тоҷик — иморати боҳашаматест, ки тӯҳфа аз насли имрӯз ба фардост.

### Савол ва супориш:

1. *Осоишгоҳи «Зумрад» дар куҷо ҷойгир шудааст?*
2. *Калимаи «Зумрад» чӣ маънӣ дорад?*
3. *Дар осоишгоҳ ба кадом касалиҳо даво мебахшанд?*
4. *Дар хусуси чойхонаи «Сино» чӣ медонед?*
5. *Аз матни «Мӯъҷизаи Исфара» синонимҳои «бино», «осоишгоҳ», «бемор»-ро ёфта, ба дафтаратон нависед.*
6. *Муқобили калимаи «тулӯъ» кадом калима аст?*

## Дарсҳои 31-34.

## ИНТИХОБИ МАВЗӮЪҲО БО САЛОҲДИДИ ОМӮЗГОР.

# СИНФИ 4

**Дарсҳои 1-4**

## ВАТАНИ НИЁГОНИ (БОБОИИ) МО

**Дарсҳои 1-2**

## НАЖОДИ ОРИЁ

Ҷамшед аз муҳоҷирати ҳамқавмонаш ба мавзеи нав, ки ободон, сабзу хуррам буд ва обҳои равону чашмасорони ҷӯшон дошт, қаноатманд гардид. Бори дигар ба ҳидояти худои ягона Аҳурамаздо ва маслиҳати Зардушти олишон қоил шуд. Дилаш ба Ватани аҷдодиаш – Ориёнвиҷ ҳанӯз кашол буд, вале яхбандии даҳ соли охир барои мардум ва ҳайвонот гарон афтод. Миқдори одамону ҳайвонот афзуд, аммо хунукӣ онҳоро хеле азоб медод. Охир дар рамзи ҳамнажодони ӯ мақоми асосиро тасвири Офтоб, ки тимсоли эҳёи зиндагист, ишғол карда, дар ҷаҳонфаҳмӣ, дарки ҳақиқат ва дониш мақоми хоса дошт. Аз ин ҷост, ки Аҳурамаздо ба ин қавми бузург фотеҳа дод, то ки ҷониби мавзеъҳои гарм кӯч банданд. Онҳо дар тамоми қитъаи Осиё ва Аврупо паҳн шуданд. Ӯ шукр мекард, ки ҳамнажодонаш дар ҷангалзорҳои кӯҳдомани Тяншон, Помиру Олой, Ҳимолой, Ҳиндукуш, Қафқоз, Карпату Балкан, водиҳою марказҳои Авроосиё, ҳавзаҳои Ҳинду Ганг, Амударёву Сирдарё, Днепру Дунай, Адриатину Рейн маскан гирифтаанд.

Аз он ифтихор намуд, ки ҳар куҷое, ки ориёиҳо рафтанд, ҳамроҳи худ ба қабилаҳои ваҳшиву кӯчманчӣ нури саводу маърифат бурданд, ба инкишофи илму фарҳанги онҳо мусоидат карданд. Аз ҳама муҳимаш рисолати таърихии ориёиҳо муаллимиву устодӣ дар нисбати халқҳои дигар будааст.

Ҷамшед бештар аз он хурсанд шуд, ки ин гурӯҳи ҳамқавмонаш ба кишвари пешорӯйи хуршед омадаанд, ки барояшон беҳтарин

эҳсони Аҳурамаздост ва он кишвари хуршедиро Хуросон номид. Мардумро дар даст китоби «Авасто» ба ободкорию созандагӣ ва меҳанпарастӣ даъват намуд:

-Ватани худро муҳофизат намо, манзили худро нигоҳ дор ва халқи худро тарк накун!

Ҷамшед ифтихор мекард, ки Аҳурамаздо барои бо роҳи рост ҳидоят намудани ҳамқавмонаш Зардуштро зуҳур намуд.

Калимаи «Зардушт» маънои дорандаи шутури зарринро дорад. Ватани Зардуштро Бохтар донистаанд. Падари Зардушт —Пурушасп писари Спитамон ва модараш Дуғдуча ном дошта, яке дар канори рӯди Дориҷ ва дигаре дар ноҳияи Роғи Афғонистон чашм ба олам кушодаанд. Худи Зардушт дар соҳили рӯди Дейтиё (Вахш) зиндагӣ кардааст.

Вақте ки Зардушт таваллуд шуд, чун одами бузург хандид. Ин нишонаи тавлиди бузургмарде буд.

Баъди зоида шудан девҳо шабона ӯро дуздида, ба таги пойи говҳо партофтанд. Дафъаи дуюм ба зери суми аспон ҳаво доданд. Маротибаи сеюм ӯро ба оташ андохтанд, вале ягон маротиба ба вай осебе нарасид. Девҳо фаҳмиданд, ки ӯ фиристодаи Худованд аст ва барои зарар расонидан ба ӯ оҷизанд.

Дар синни ҳаштсолагӣ Зардушт ба мактаб рафта, ҳашт сол хонд. Сипас, ба сифати ҳакиме дар ҷангҳои байни ориёниҳо иштирок мекунад ва ба захмиён ёрӣ мерасонад. Баъд ба Ҳутаст ном зане хонадор мешавад.

Дар синни сисолагӣ Худованд ба ӯ нишони пайғамбарӣ ато менамояд ва ӯ барои зикри Худованд ба кӯҳи Саблон меравад ва дар муддати даҳ сол ба тоату ибодат ва қабули паёмҳои худованд машғул мешавад. Вай дар ин ҷо паёмҳои худовандро бо номи «Дафтари Готҳо» тартиб дода, ба назди мардум барои даъват меояд.

Вақте ки Зардушт-пайғамбар ба тарғиби яккахудой пардохт ва парастиши худоёни маҳаллиро девпарастӣ гуфт, чиҳилсола буд.

Ӯ бо мақсади муттаҳид намудани тамоми ориёиҳо ва итоат ба

худои ягона деҳа ба деҳа гашта, тарғибот мебурд. Азбаски ӯро таъқиб карданд, вай маҷбур шуд, ки ба дарбори шоҳи ҷаҳон Виштосп (Гуштосп) ояд ва ӯро аз дини худ огоҳ созад. Шоҳ Виштосп ойини зардуштиро пазируфт ва ба тарғиби он пардохт. Аммо Зардушт ба осонӣ ба мақсад намерасид ва бо роҳи набард ғалаба ба даст меовард. Ҷангҳои Зардушт гӯё 17 сол идома меёбад ва пайғамбар дар синни 77-солагӣ, вақте ки аз намоз аз маъбад берун меомад, аз захми ханҷари бутпарасти тӯронӣ ҷосуси шоҳи Тӯрон-Арҷосп Баратракраш шаҳид мешавад. Зуҳури Зардуштро ҳазораи шашуми пеш аз мелод донистаанд.

Зардушт нахустпайғамбари дунё буд, ки яккахудоиро ҷорӣ намуд, намоз, рӯза, закот, пули сирот, дӯзах, биҳишт, рӯҳ, ҷон, фариштагони ҳафтгона, иблис (Аҳриман), тӯфони ҷаҳонӣ ва ғайра ба дигар китобҳои муқаддас аз паёмҳои Зардушт гузаштаанд.

## Луғат:

**нажод**-умумияти қавмии одамон аз рӯйи забон, ранги пӯст, чашм, тарҳи рӯй ва ғайра.

**Аҳурамаздо**-худои ягонаи ориёниҳо.

**Зардушт**-пайғамбар, ҷорикунандаи дини зардуштӣ.

**эҳё**-зиндашавӣ.

**рисолати таърихӣ**-вазифаи таърихӣ.

**маъбад** – ибодатгоҳи зардуштиён

## Савол ва супориш:

1. *Чаро ориёиҳо аз Ориёнвиҷ кӯч бастанд?*
2. *Ба куҷоҳо муҳоҷират карданд ва паҳн шуданд?*
3. *Ҳамзабонони мо то куҷо омаданд ва чаро ин маҳзеъ ба онҳо хуш омад?*
4. *Рисолати қавми ориёӣ дар байни қавмҳои дигар аз чӣ иборат буд?*
5. *Чаро онҳо кишвари пешорӯйи хуршедро дӯст доштанд? Ҷамшед ин кишварро чӣ номид?*

*6. Ҷамшед ба ҳамватанонаш чӣ панд дод?*

*7. Калимаи «Зардушт» чӣ маъно дорад ва Ватани ӯ куҷост?*

*8. Оид ба айёми мактабхонӣ ва тарғиботи яккахудоӣ аз тарафи Зардушт нақл кунед.*

*9. Зардушт аз синни чандсолагӣ ба тарғиби дини зардуштӣ пардохт ва чаро ба дарбори Виштосп (Гуштосп) фирор кард?*

*10. Кӣ Зардуштро кушт? Зуҳури Зардушт ба кадом асрҳо рост меояд?*

*11. Кадом расму оинҳои дини зардуштӣ то ба имрӯз боқӣ мондаанд?*

**Дарси 3**

## АЗ ТАЪРИХИ «АВАСТО»

«Авасто» яке аз ёдгориҳои қадимаи халқҳои ориёӣ буда, ба давраи пеш аз мелод мансуб аст. Мувофиқи тадқиқоти олимон «Авасто» дар асри 4 пеш аз мелод дар Осиёи Миёнаву Хуросон эҷод шудааст. «Авасто» бо номҳои «Авесто», «Афасто», «Бустақ», «Усто», «Васто», «Сто», «Ависто», «Аваста» ва «Апастан» дучор меояд, ки маънои «асос», «бунёд»-ро дорад.

«Авасто» аввал даҳонӣ нақл карда мешуд, вале баробари пайдоиши алифбои авастоӣ (асри 3-юми то мелод) дар рӯйи пӯсти 1200 гов бо ҳарфҳои заррин навишта мешавад.

Аз ин китоб танҳо ду нусха вуҷуд доштааст. Искандари Мақдунӣ баъди истилои Эрону Осиёи Миёна «Авасто»-ро низ ба даст овард. Бо фармони Искандар як нусхаи он ба Юнон фиристода шуда, нусхаи дигараш оташ зада шуд. Баъдтар бо фармони шоҳи Ашкониён Валахаши (Вологеси) 1 (асри 1 мелодӣ) «Авасто» аз рӯйи пораҳои боқимонда ва аз даҳони мӯбадон аз нав навишта шуд.

Маротибаи сеюм «Авасто» дар замони ҳокимияти Сосониён (асри 4) дар давраи подшоҳии Хусрави 1 таҳти роҳбарии Атурпати Меҳроспандом бо номи «Хурд-Авасто», яъне «Авастои хурд» аз нав навишта шуд, ки он аз 21 китоб (наск) иборат буд. Ду нусхаи он то ба имрӯз дар китобхонаи шаҳри Копенҳаген маҳфуз аст.

Ҳамаи матнҳои «Авасто»-и давраи Сосониён аз 345 ҳазору 700 калима иборат будааст, вале ҳоло 83 ҳазор калимаро фаро мегирад.

«Авасто» аз панҷ қисм иборат аст:

**1. Ясно,** ки маънои қурбонӣ ва ибодатро дорад ва дар он офаридгор ситоиш шудааст. Ясно 72 бахшро фаро гирифта, 17 бахши онро Готҳо-сурудҳои пайғамбар Зардушт ташкил медиҳанд.

**2. Виспарад,** ки маънояш ҳамаи сарон, ҳамаи сарварон буда, намоз ва дигар расмҳои диниро ифода менамояд.

**3. Яштҳо**-маънии гуфтори хуш ва ситоишро дошта, дар ситоиши худо аст.

**4. Вандидод**-маҷмӯи амрҳои динӣ буда, ба маънии қонуни зидди дев омадааст ва дар 22 боб сурудҳои маънидорро фаро гирифтааст.

**5. Хурд-Авасто,** яъне Авастои хурд, ки дуову ниёиш ва гуфтаҳои чор бахши аввал ва ҳамчунин дуоҳои гирдовардаи мӯбадони замони сосонӣ ва пас аз онро фаро гирифтааст.

Се асоси «Авасто»: пиндори нек, рафтори нек ва гуфтори нек имрӯз низ қимати худро аз даст надодааст ва моро водор месозад, ки ботинан зебо бошем, хислату рафтори шоиста ва нутқи зебову бурро дошта бошем.

Ҳамин тавр, дар «Авасто» баробари андешаву ақидаҳои динии Зардушт ва пайравонаш роҷеъ ба тамоми сурудҳо, устура, афсонаву ривоятҳо оид ба таърихи фарҳанг ва хату забони халқҳои ориёӣ маълумоти пурра пайдо карда метавонем.

## Луғат:

**устура** - асотир, миф,
**мӯбад** – рӯҳонии аҳди зардуштиён.

## Савол ва супориш:

1. *«Авасто» чӣ гуна асар аст ва кай эҷод шудааст?*
2. *Кадом номҳои «Авасто»-ро медонед?*
3. *«Авасто» чӣ маъно дорад?*
4. *Ватани «Авасто» куҷост?*

5. *«Авасто» чанд маротиба навишта шуд ва замони эҷоди ин асар ба даврai ҳокимияти кадом подшоҳон рост меояд?*
6. *«Авасто» аз чанд қисм иборат аст ва ин қисматҳо чӣ маънӣ дошта, дар чӣ хусус баҳс мекунанд?*
7. *Се асоси «Авасто» кадом аст?*

**Дарси 4**

## НОҲИД (АНОҲИТА)

Бачаҳои азиз! Он моеи шаффофи беранг, ки мо онро об мегӯем ва мӯҷиби зиндагонӣ медонем, аз рӯзе, ки дунё биност, буду онро шахсе низ зери назорат дошт.

Дар куҷое, ки об ҷорӣ шуд, гиёҳҳо сабзиданду дарахтон ҳосил оварданд ва ба мардум шодию сурур бахшиданд. Ин буд, ки мардум низ ин обҳову заминҳову гиёҳҳоро ситоиш намуданд. Ориёиҳо тамоми хислатҳои табиатро омӯхта, аз ҳама бештар ба Хуршед, ки ба онҳо рӯшанию гармӣ мебахшид, дил бастанд. Ин буд, ки Митра (Хуршед, Меҳр)-ро ба сифати Худои бузург шинохтанд. Митра худоёни дигарро ба ёрӣ даъват кард, ки яке аз онҳо изадбону Аноҳита (Ноҳид) Худои обу рӯдхонаҳо буд. Аз ҳамон замон то ҳозир ҳангоми шунидани суруди об симои зебои Аноҳита пеши назар меояд.

Вақти тақсими қудрат кӯҳҳоро вазифадор намуданд, ки то абад мехи замин бошанду гаҳи аз нури хуршед гарм шудани замин яху барфҳоро об карда, ба ҷониби дашту ободиҳо равона созанд.

Ноҳиди нозанини поку беолоиш ва нерӯманд ба бонувони ориёӣ хуш омад. Чунки ин изадбону ба дилҳо хушӣ оварда, рӯзгори инсонҳоро рангин месохт. Охир, Ноҳид ба онҳо об, оби ширину гуворо медод. Мардуми лабташнаро аз марг, заминҳоро аз хушкидан наҷот медод, ба мардуми боғайрату ободгар обрӯ мебахшид.

Бонувони аҳди қадим изадбонуро хуб мешинохтанд, вале ӯ ба назарҳо ҳар ранг ҷилвагар мешуд. Яке ӯро дар ҷомаи пурчину зоррини гаронбаҳо медид. Ба назари дигаре вай шохи буридаи

дарахте дар даст, гӯшвораҳои заррини чоргӯшаи овезон дар гӯшҳо намоён мешуд. Сеюмӣ изадбонуро чун маликае медид, ки дар сараш тоҷе ҳасту он садҳо ситора дорад ва ин тоҷи заррин ҳаштгӯша монанди чархе сохта шуда ва рангоранг зиннат ёфтааст.

Бонувони парастанда аз Ноҳид ҳусну латофат, нозукию фаросат ва зиндагии ба мисли об равонро таманно мекарданд. Мардҳо бошанд, аз Ноҳид арҷманд будан, нерӯмандӣ ва соҳиби аспони зиёд шуданро хостгор мешуданд.

Ҳамин тавр, Ноҳид сад сол пеш аз зуҳури дини зардуштӣ арзи вуҷуд дошту тамоми ориёиҳо ӯро ба ҳайси олиҳаи бузургу тавоно мепарастиданд ва ситоиш мекарданд:

*Эй обшор, навҳагар аз баҳри чистӣ?*
*Чин бар ҷабин фиканда з-андӯҳи кистӣ?*
*Дардат чӣ дард буд, ки дишаб тамоми шаб,*
*Сарро ба санг мезадию мегиристӣ?*
*(Зуфархон Ҷавҳарӣ)*

## Луғат:

**мӯҷиб** – сабаб,
**изадбону** – бонуи соҳибэҳтиром, худозан,
**Ноҳид** – Аноҳита,
**Митра** – Хуршед, Меҳр,
**арҷманд** – азиз, мӯҳтарам,
**зуҳури дини зардуштӣ** – пайдоиши дини зардуштӣ
**олиҳа** – худое, ки бонуст.

## Савол ва супориш:

1. *Об чист?*
2. *Ҷаро обро мӯҷиби зиндагонӣ медонанд?*
3. *Ҷаро мардум обҳо, гиёҳҳо ва заминҳоро ситоиш мекарданд?*
4. *Ҷаро мардум Хуршедро чун Худои бузург – Митра шинохтанд?*

5. *Ноҳид (Аноҳита) кӣ буд?*
6. *Вазифаи кӯҳҳо аз чӣ иборатанд?*
7. *Чаро Ноҳид ба бонувони ориёӣ хуш омад?*
8. *Ноҳидро бонувони аҳди қадим дар кадом шаклҳо тасаввур мекарданд?*
9. *Бонувон ва мардҳо аз Ноҳид чиро мехостанд?*
10. *Ноҳид аз кадом замон вуҷуд дошт?*

**Дарсҳои 5-13**

## МУБОРИЗАИ ХАЛҚИ ТОҶИК БАРОИ ҲИМОЯИ ВАТАН

**Дарси 5**

## ТАЪРИХ ГУВОҲ АСТ

Таърих гувоҳ аст, ки аҷдодони бофарҳангу бохиради тоҷиконро дар дунё ҳамчун намояндагони миллати тамаддунсоз эътироф намудаанд. Ин тамаддун ва ин сохти давлатдорӣ аз даврони асотирии Пешдодиён ибтидо мегирад, ки зиёда аз 5 ҳазор сол пеш арзи вуҷуд доштанд. Аз замони «шоҳи аввалини» олам Каюмарс то подшоҳи аввалини сулолаи Пешдодиён-Ҳушанг, ки лақабаш «Пешдоди додвар» буд, 285 сол сипарӣ мешавад ва ин сулола 2370 сол ҳукмронӣ мекунад. Баъди ин даврони сулолаи Каёниён оғоз мешавад, ки сарсулолаи онҳо Кайқубод буд ва то намояндаи охирини онҳо Доро бинни Доро 984 сол идома меёбад, яъне то он даме, ки Доро аз ҷониби Искандари Мақдунии ғоратгар соли 331 пеш аз мелод кушта ва ин сулола пароканда карда мешавад. Баъди марги Искандар ҳокимияти сулолаи Ашкониён оғоз мегардад. Ин сулола зиёда аз 300 сол ҳукмронӣ мекунад ва сарсулолаи онҳо Ашк бинни Ашкон ном дошт. Давлатдории Ашкониён дар солҳои дусадуми солшумории мелодӣ ба поён мерасад ва ба ҷои онҳо

сулолаи Сосониён ба сари тахт менишинанд. Давлатдории Сосониён бештар аз 440 сол давом карда, соли 651 мелодӣ аз тарафи истилогарони араб барҳам дода мешавад. Сулолаи Сосониён аз Ардашер бинни Бобак оғоз шуда, бо Яздигурд бинни Шаҳриёр ба охир мерасад.

Анъанаи таърихии давлатдории тоҷиконро баъдтар Тоҳириён (солҳои 821-873), Саффориён (873-903) ва Сомониён (солҳои 899-999) идома доданд, ки то асрҳои 9-10 тӯл мекашад. Баъди ин ҳокимият ва давлатдории тоҷикон ба дасти бегонагон мегузарад. Аз сулолаи Ғазнавиён сар карда то сулолаи Манғитиён туркзабонон ҳукм меронанд. Дар ин миён дар асри 13 истилои муғул даҳшатангезтарин ва фоҷиаангезтарин саҳифаи таърихи тоҷикон аст.

Танҳо бо шарофати ғалабаи Инқилоби Октябр тоҷикон соҳиби давлати алоҳида шуданд ва истиқлолияти давлатӣ (9 сентябри соли 1991) ба мо давлатдории миллӣ бахшид.

## Савол ва супориш:

1. *Сохти давлатдории тоҷикон аз кай оғоз меёбад?*
2. *Аввалин бор давлатдории тоҷиконро истилои кӣ барҳам дод?*
3. *Истилогарони араб кадом давлатро барҳам доданд?*
4. *Инқилоби фарҳангӣ ба итолиёвиҳо дар асри 15, ба англисҳо дар асри 16, ба франсавиҳо дар асри 17, ба олмонҳо дар асри 18 ва ба русҳо дар асри 19 даст дод. Ба тоҷикон чӣ?*
5. *Аввалин давлати муттамарказӣ тоҷикон чӣ ном дошт ва кай ҳокимият рондааст?*
6. *Пас аз истилои Искандар, араб, боз даҳшатноктарин саҳифаи таърихи тоҷикон истилои кадом золим ва ғоратгар буд?*
7. *Инқилоби Октябр ба тоҷик чӣ дод?*
8. *Истиқлолияти давлатӣ ба тоҷик кай даст дод?*

Дарси 6

## РӮҲИ БЕШИКАСТ

Миллате, ки Худованд ӯро рӯйи замини паҳновар, ҳосилхезу пурфайз дар канори рӯдҳои хурӯшон, чашмасорони зулолу ҷӯшон, дар оғӯши кӯҳсорони пурганҷу дарахтзорони пурмева ҷой дод; миллате, ки хиради кашфи асрор, ҷилои истеъдоди фавқулодда ва шоҳкорҳои фарзандҳои нобиғааш аз қаъри асрҳо то ҳанӯз оламиёнро дар ҳайрат гузошт; мардуме, ки чун офаранда ва ғизобахши маънӣ дар маснади сарчашмаи тамаддуни башарӣ нишаст; тоҷике, ки ҳазорон сол пеш қасру шаҳрҳо бунёд кард; пойдевори нахустини давлату вазоратҳоро гузошт, бо дили нарм ва пур аз меҳру шафқат бо қавму қабилаҳои кӯчманчиву саҳронишин тарзу усули зиндагии инсонвор, маданияти истифода аз неъматҳои табиатро омӯзонд; қавме, ки илму адаб, риояи адлу инсоф ва ишқу вафоро парчаму ҳадафи рӯзгори абадӣ донист, саршори фоҷиа, шӯриву талхиҳо гардид. Ва фарёди талху ҷонхароши устоди шодравон Лоиқ Шералӣ аз нокомиҳои гузаштаи миллат ҳамеша дар гӯш садо медиҳад:

Ҷабри торих ягон қавм надидаст, ки мо,
Заҳри торих нажоде начашидаст, ки мо.

Вале, ба ҳар сурат, таърих чун узви пайкор аст ва миллат аз гирудор, пирӯзиву нокомиҳои гузаштаи хеш ҳаргиз ҷудо буда наметавонад. Хуб, иқрор мекунем, ки тоҷик даҳ аср пеш давлат, тоҷу тахтро бохт, зиллату хориҳо дид, аммо ҳеҷ гоҳ ва дар сахттарин марҳилаҳои зиндагӣ шукӯҳу шаҳомат, фазлу заковат ва ғуруру сарбаландиҳоро гум накард. Ин ҳам пӯшида нест, ки ғосибон борҳо тоҷикро поймол, саркӯбу нимҷон кардаанд, аммо бо меҳрубонии Худованд маҳв нашуда, ин миллати ҷонсахт гоҳе аз байни оташ, баъзан аз зери хокистар ё аз дили дарё, ҳатто аз дами шамшеру тиру сад офати дигар раҳида қад афрохт. Ва боз бо созандагӣ, шоҳкорӣ ва эъҷозҳои нав ба нави фарзандони нобиғааш оламиёнро мафтун сохт.

Аз ҳама муҳим он аст, ки рӯҳи миллати азизи мо дар

фоҷиабортарин даврони таърихӣ устувор монд ва навдавлатони хомтамаъ ноилоҷ мудом ба роҳнамоӣ, ақлу тамиз ва асокашии оқилу донои тоҷик мӯҳтоҷ буданд.Ин ҳам воқеияти таърихӣ аст.

Дигар, боиси шукр ва ифихори мо ин аст, ки фарзандони нодираистеъдод бо офаридаҳои ҳайратангез ва осори гаронбаҳо қасри илму адабро пойдор нигоҳ дошта, барои миллати худ шиносномаи ҷовидонӣ офариданд.

Ва ҳеҷ гоҳ андешаи истиқлол ва озодихоҳиро низ аз сар дур накардаанд.

*(Абдулҳамид Самадов)*

### Савол ва супориш:

1. *Шумо эъҷози тоҷиконро дар чӣ мебинед?*
2. *Чаро тоҷик ҷабри таърихро аз ҳама бештар кашидааст?*
3. *Бузургии тоҷик дар чист?*
4. *Чаро навдавлатони хомтамаъ ба роҳнамоии тоҷик эҳтиёҷ доштанд?*
5. *Тоҷикро чӣ аз фаношавӣ нигоҳ дошт?*
6. *Ҳиҷоёбак. Агар ҳиҷоҳоро дуруст ҷо ба ҷо гузоред, як байти Лоиқ ҳосил мешавад:*

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Ҷаб-* | *-рих* | *то-* | *-ри* | *я-* | *қавм* | *-гон* | *мо* | *ки* | *на-* | *-даст* | *ди-* | *,* |
| *Заҳ-* | *-рих* | *то-* | *-ри* | *на-* | *-де-* | *-жо* | *-мо* | *ки* | *на-* | *-даст* | *-ча* | *-ши* |

## Дарсҳои 7-8

# САДДИ ХАТЛОН

Ба Искандари ҷангҷӯ роҳ ба сӯи кӯҳу дараҳои фароху сабзи Бохтару Суғд кушода гардид. Лашкари бешумори ӯ аз биёбонҳои беобу тафсон убур карда, ба соҳили дарёи Окс расид, ки дар он тарафи он Хутали бостонӣ буд. Шоҳи Бохтар -Бес муқобилиятро бефоида шумурда, аз тарс ба Суғд гурехт. Ба ҷойи ӯ Сотибарзанро ба тахт нишонданд. Сотибарзан низ давом додани муқобилиятро бефоида шумурда, ҳокими Хутал Туғдиро ба назди худ хонда, қарор

намуд, ки лашкари Бохтарро ҷавоб дода, мамлакатро ба нияти пешгирӣ аз хунрезӣ ба Искандар таслим кунад. Туғдӣ аз назди Сотибарзан баргашта, сардори дастаи камонварони худ Катанро наздаш хонда, ба ӯ қазияро фаҳмонд ва фармуд, ки сарбозони худро ҷавоб дода, корвоне таҳия карда, хонавода ва дороияшро ба кӯҳистони Ховалинг интиқол диҳад.

Искандар дар рӯзи сеюми баъди аз дарёи Окс гузаштан бохтариҳоро бо тӯҳфаю пешниҳодҳо қабул намуда, дар хайма зиёфат орост. Дар аснои зиёфат ошкор гардид, ки сарварони бохтариҳо ҳамаи дороияшонро бо аспу ароба ба кӯҳ интиқол додаанд. Ба Фердиг ва Гефистон фармон дод, ки бохтариҳоро дастгир карда, як-як ба қатл расонанд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Баъди ин воқеа алайҳи Искандар муборизаҳои пинҳонию ошкоро сар шуд. Искандар ба ҳокими Бохтар бо навиштани нома хоҳиш кард, ки ба ин кор хотима диҳад.

Катан дар ҷавоби нома хомӯширо авло донист. Сотибарзан ҳам аз тарс мамлакатро тарк карда, ба Суғд фирор кард. Баъди даҳ рӯз Искандар ба Балх ворид гардид, вале шаҳр холӣ буд. Искандар ба шаҳри тороҷшуда Алиаттро ҳоким монд.

Катан ҳанӯз то ба дарёи Окс наздик омадани лашкарони Искандар бо дастаи камонварони худ аз кӯчиёни бодиянишин марзу буми Хуталро ҳимоя мекард.

Дар ин миён ҳокими Хутал Туғдӣ ӯро ба шаҳр хонда, талаб намуд, ки камонваронашро ҷавоб диҳад. Вай ба хоҳиши ҳоким ночор сар фуровард. Пас аз ҳафтае Катан ва Туғдӣ зану фарзанд ва дороияшонро ба кӯҳ равона карданд. Катан баъд аз чанд рӯз фаҳмид, ки қофила ба тороҷ рафта, одамон, зану фарзандонашон кушта шудаанд. Ғаму алами ӯ беандоза гардид. Туғдӣ худро ба рӯи ҷасади писараш - Митан андохта нолид ва аз ҳуш рафт. Вақте ки ӯро бардоштанд, ҷон ба ҷонофарин супурда буд. Ҳамаи ин Катанро ором нагузошт. Ӯ ба қароре омад, ки аҳолиро бар зидди мақдуниҳо бархезонида, аз сарзамини худ дур андозад, зеро бо онҳо гуфтугӯ бефоида аст. Ба дифои муқаддас мардумро бархезонидан, мақдуниҳоро саркӯб кардан мароми ниҳонии ӯ гардид. Катан баъд аз тайёрӣ дидану машқҳои зиёд ба дастаи савораҳои мақдунӣ дар

остонаи Хутал аввалин бархӯрд кард ва дастаи кашшофони синафараи душманро нобуд кард. Катан, ки дар ин ҷангҳо роҳу усулҳои мухталифи набардро ба кор мебурд, дигар пеши роҳи ӯро гирифтан мумкин набуд, амалиёти худро дар атрофи қароргоҳи Искандар идома медод. Катан вақте фаҳмид, ки Кратер бо лашкари бешумор сарбозонашро иҳота кардааст, хост байни сарбозони душман даромада, хатти ҳаракати онҳоро гузарад. Аммо юнониҳо ду баробар зиёд буданд, ҷанги тан ба тан сар шуд. Катан бо Кратер дар муқобили ҳамдигар аввал бо найза, баъд бо шамшер ҳарб карданд. Кратер ноҷавонмардона Катанро ба зарби шамшер зада кушт. Австанро асир гирифтанд. Австан-ҳамон устои гулдасти бохтарие буд, ки дару тирезаи хонаи Катанро кандакорӣ намуда, сарварии камонварони Хуталро ба ҷону дил пазируфт ва ба таъмири хонаи ӯ шурӯъ кард. Баъди фоҷиаи ба сарашон омада, ӯро ба Бохтар барои одамонро ба пайкор даъват кардан фиристода буд. Дар рафти тамоми мубориза онҳо якҷоя буданд. Австан ҷавонмарди шуҷоъ ва далер, ватандӯст, матинирода, ҳунарманди покдил буд. Баъди кушта шудани Катан муборизаро идома медиҳад, вале душман бо фалахмон, бо гулӯлаи қӯрғошимин ба сараш зада, ӯро аз по меафтонад. Вайро зинда нигоҳ дошта ба назди Искандар мебаранд. Искандар бо ғурур ба ӯ гуфт: «Ту зидди ман исён бардошта, ба чӣ ноил шудан мехостӣ?» Ӯ дар ҷавоб истеҳзоомез: «Ғурмагас вақте ки аспро нештар мезанад, чӣ хӯрдан мехоҳад?»-ҷавоби ғайричашдошт дод. Искандар саволи дигар додан хост, вале Австан ба Искандар гуфт: «Шоҳо, дар атрофи худ даҳҳо аскар дорӣ, фармон деҳ, ки дастони маро аз банд озод кунанд, баъд ба саволҳоят ҷавоби саҳеҳ медиҳам».

Банд аз дастони Австан гирифтанд. Вай хам шуда, кордро аз соқи мӯза бароварда, ба шоҳ ҳуҷум кард, вале ёвари шоҳ ба сари Австан бо сипар зад. Вай аз ҳуш рафта афтод. Вақте ки ба ҳуш омад, худро андаруни қафаси оҳанин дид, ки аз ақиби лашкар мебаранд. Искандар аз ин кори худ лаззат мебурд. Австанро се моҳ дар қафас нигоҳ доштанд. Вай ба ҳамаи ин шиканҷаҳо тоб оварда, назди мақдуниҳо шикояту лоба накард. Аз ин як фараҳмандӣ дар ниҳоди худ эҳсос менамуд. Ӯ ба ҳеҷ кас таваҷҷӯҳ намекард. Аммо рӯзе дар назди қафаси худ шахсеро дид, ки ба ӯ хайрхоҳона менигарад. Ин

Алиатти лидиягӣ буд. Алиатт пинҳонӣ ба ӯ хӯрок оварда, таклифи ёрӣ додан кард. Онҳо аз ин баъд дӯст шуда, пинҳонӣ сӯҳбатҳо мекарданд. Австан боре ба Алиатт маслиҳат дод, ки гурехта, ба Суғд ё ба ватани ӯ — Бохтар раванд. Дар ҳақиқат, Алиатт баъди кушта шудани Австан пинҳонӣ бо бохтариён - дастаи Гелон пайваст ва аз корнамоиҳои Катану Австан ба ҳамдиёрони онҳо қисса кард. Ҳамин тавр, матонат ва шуҷоати Катану Австан вирди забонҳо гардиданд.

*(Мазмун аз романи Ато Ҳамдам,*
*Леонид Чигрин «Садди Хатлон»)*

### Луғат:

**интиқол додан** – кашондан,
**алайҳи** – муқобили,
**набард** – ҷанг,
**гулӯла** – тир.

### Савол ва супориш:

1. *Чаро шоҳони Бохтар ва Хутал дар аввал бо Искандар муқобилият накарданд?*
2. *Чаро бохтариҳо ба мубориза бархостанд?*
3. *Катан кӣ буд? Чаро ӯ ба Искандар сар нафуровард?*
4. *Кадом ҳодиса Катанро ба муборизаи беамон кашид?*
5. *Муборизаи Катан бо чӣ анҷомид?*
6. *Австан кӣ буд? Вай чӣ корнамоиҳо кард? Алиатт ба ӯ чӣ таклиф кард?*
7. *Аз матонат ва шуҷоати Катану Австан кӣ қисса мекард?*

**Дарси 9**

## СПИТАМЕН

Бачаҳои азиз, бо чашми хирад ба қуллаҳои нурполои кӯҳсорони тоҷик нигаред ва гумон хоҳед кард, ки аз фарози онҳо хуни муқаддаси Спитамен қатра-қатра чакида, атрофро лолагун сохтааст. Спитамен чун лашкаркаши тавонои сарзаминҳои Суғду Бохтар ларза

бар пайкари урдуи ғоратгари Искандар андохта буд. Вай соли 329 то мелод лашкари пурқуввате ҷамъ оварда, барои озод кардани пойтахти давлати Суғд – шаҳри Мароканд (Самарқанд), ки дар он ҷо қушунҳои юнониён ҷойгир шуда буданд, мекӯшад. Юнониёнро шикаст дода, шаҳрро озод ва қалъаро мавриди муҳосира қарор медиҳад. Искандари Мақдунӣ, ки ин вақт ба фурӯ нишондани шӯриши соҳили дарёи Сир ва ободонии шаҳри Искандарияи Ақсо машғул буд, ба мадади лашкари худ таҳти сарварии сарлашкар Фарнух се ҳазор аскари пиёда ва ҳаштсад нафар савора фиристод, вале ин дафъа низ урдуи Искандар ёрои набард бо Спитаменро накарданд ва ба шикаст мувоҷеҳ гардиданд. Искандари Мақдунӣ ин дафъа бо нерӯи нав ба лашкари Спитамен ҳуҷум мекунад. Спитамен ҷониби дашт қафо менишинад, вале муборизаро идома медиҳад. Спитамен баҳори соли 328 то мелод дар Бохтар низ юнониёнро паиҳам шикаст медиҳад. Тирамоҳи ҳамон сол бо лашкари пурқуввати зиёда аз сеҳазорнафара барои озод кардани шаҳри Мароқанд кӯшиш мекунад. Дар набарди хунин ҳарду тараф низ талафоти калон медиҳанд.

Спитамен ин дафъа низ ба тарафи дашт ақибнишинӣ мекунад. Ҳангоми ақибнишинӣ ногаҳон ва ғайричашмдошт ба зарбаи қабилаҳои бодиянишин рӯ ба рӯ мегардад. Онҳо сари нозанини Спитаменро аз тан ҷудо карда, чун армуғон ба Искандар мефиристанд, то мавриди таваҷҷӯҳи вай қарор бигиранд. Аммо амали зишташон чун рафтори хоинона дар саҳифаи таърих сабт гардид ва наслҳои нав ба нави инсонӣ ба душманоне, ки дар дохили кишвар аз пушт ханҷар мезананд, лаънату нафрин мехонанд.

Гӯё имрӯз аз дили кӯҳсорон овози раъдосои ин лашкаркаши даврони бостон ба гӯш мерасад: – Мо дар соҳилҳои Ому, Сиру Зарафшон, дар саросари Суғду Бохтар ба душмани ғаддор амон нахоҳем дод!

Оид ба қаҳрамонии Спитамен шоир Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ драмаи «Шамшер ва рангинкамон»-ро навишт, бастакор Толиб Шаҳидӣ балети «Спитамона» офарид ва дар вилояти Суғд ноҳияеро бо номи ӯ гузоштанд.

Ному корномаи Спитамен барои наслҳои имрӯзу фардо намунаи баланди ватандӯстӣ ва ҷавонмардист.

### Луғат:

**урду** – лашкар,
**бостон** – кӯҳан,
**бодиянишин** – кӯчӣ, саҳрогард,
**армуғон** – тӯҳфа, дастовез.

### Савол ва супориш:

1. *Спитамен кӣ буд?*
2. *Ӯ ба муқобили кӣ меҷангид?*
3. *Вай чӣ гуна диловариҳо нишон дод?*
4. *Спитаменро кӣ кушт?*
5. *Кадом асарҳо ба Спитамен бахшида шудаанд?*
6. *Оё дар Тоҷикистон хотираи Спитамен пос дошта мешавад?*

**Дарси 10**

## КУРУШИ КАБИР

*«...шубҳае нест, ки асли баромади Куруш*
*аз қавми шоҳони ориёнӣ буд.»*
*(Б.А.Тӯраев, академики АИ Россия, асри XIX.)*

Муаррихони дунёи қадим ҳама бо як овоз Куруши Кабирро асосгузори империяи нахустини Форс меноманд.

Куруш аз қавми шоҳони Ҳахоманиш буд. Падари Куруш Камбиз, модараш бошад, Мандана, духтари шоҳи Модҳо Астиаг буд.

Фаъолияти Куруши Кабир аз соли 560-559 пеш аз милод, аз замони ба тахти Аншон ҳамчун ворисӣ Камбизи Аввал нишастани ӯ оғоз меёбад. Аншон дар Осиёи Миёна, аниқаш дар водии Зарафшон буда, яке аз вилоятҳои Форсҳои қадим ба шумор мерафт. Дар нимаи аввали асри VI пеш аз милод Аншон дар зери таъсири подшоҳи Модҳо Астиаг қарор дошт. Куруш ба муқобили ҳокимияти Модҳо баромад кард. Артиши Астиаг ба тарафи Куруш гузашт ва ба ин сабаб ӯ ба тезӣ ғалаба ба даст овард. Ин ғалаба дар натиҷаи содиқ будани модҳо ба Куруши Кабир ба даст оварда шуд. Аз он вақт сар карда, Модҳову Форсҳо, яъне эронию тӯронӣ, дар зери парчами

Куруши кабир якҷоя кишваркушоӣ мекарданд. Ба таври дигар гӯем, давлати Моду Форсҳо ба вуҷуд омад, ки ҳудуди он аз соҳили дарёи Ҳинд то баҳри Эгей тӯл кашид.

Куруш артиши Форсро дар ҳайати қушуни савора ва пиёдагард созмон дод, ки аз қушунҳои давлатҳои дигари ҳамзамонаш бартарӣ доштанд. Куруш ба тамоми артиш такя карда, сиёсати худро ба амал баровард.

Куруши Кабир қувваҳои Модҳои эронӣ ва Форсҳои Осиёи Миёнаро муттаҳид намуда, қитъаи аз ҳама хавфнок-қисми ғарбии Модҳоро ба даст даровард, ки шоҳи Модҳо сарҳади худро васеъ намуда, онро ба тасарруфи худ даровarда буд.

Ҳамин тавр, Куруши Кабир ба ҳокимияти подшоҳӣ бо номи давлати Форсҳо асос гузошт.

### Савол ва супориш:

1. *Куруши Кабир кӣ буд ?*
2. *Чаро Куруши Кабирро асосгузори империяи Форс меноманд ?*
3. *Ҳудуди Аншонро дар Осиёи Миёна муайян намоед.*
4. *Ҳудуди давлати Моду Форсҳоро номбар кунед.*

## Дарси 11

# ТОМИРИС

Ин ном дарахти ҳамешасабзу хуршедсифатеро ба ёд меорад. Он дарахт дар дашту биёбон ва доманкӯҳҳо рӯида, дар сояаш чашмаи об буду атрофашро лолаву гул, бунафшаву хайриву сунбул оро медоданд. Ҳамчуноне дарк намудед, номи ӯ ба мисли номҳои духтарони тоҷик бо табиат робита дошт. Томирис номи ҷолиб, вале ношинос аст. Ҷолиб барои он ки зебост, ношинос аз он ки мо онро намедонем. Бо ин ҳама дар қомусҳо ишорае ҳаст. Он ҷо дарахтеро «тамарикс» меноманд, ки дар кишварҳои гуногун 60 намудаш паҳн шудааст.

Томирис аз хурдсолӣ диловару нотарс буд. Падари дурандешаш иродаи ӯро дар тамринҳо обутоб дод. Охир, маҳз ӯ маликаи массагетҳо мешавад. Пас, вай бояд аспсаворию набардро нек бидонад. Худи духтарак низ ин ҳақиқатро дарк намуда, аз сенздаҳсолагиаш ба машқҳои шамшерзанию найзапартоӣ шуғл пайдо мекунад. Дар камонварӣ бошад, аз устодонаш пеш мегузарад. Вай аз дасти росту чап тирро ба нишон расонида метавонист. Ҳо, Томирис бояд доно ва ҷанговари хуб бошад. Пешвоёни қабоил подшоҳони хуб набуданд. Ҳирсу ҳасад хеле боло рафта буд. Ва марги Спаргапис, падари Томирис ба талошу пошхӯрии подшоҳӣ боис мешуд.

Бояд фаҳмид, ки подшоҳони муқимнишинҳо ба мисли подшоҳони кӯчӣ ҳокими мутлақ набуданд. Фаъолияти онҳо, аз ҷумла ҳаракати Спаргапис ҳам зери назорати волонишинони қабоил ё шӯрои бузург ҷараён дошт. Ва ҳокими кӯчиҳо дар ҳар маротиби соҳиб шудан ба тахт ошӯбу исёнҳо ва баъзан ҷангҳои тӯлониро тааммул мекард. Ҳар пешвои бидуни истеъдод дар чунин шароит ба лӯхтаки волонишинҳо табдил ёфта, дер ё зуд қурбон мегардид. Томирис, чуноне худи таърих гувоҳ аст, аз тоифаи дигар буд. Вай истеъдод дошту рухдодҳои сиёсии замонашро нек фаҳмида, дуруст натиҷагирӣ ҳам кард. Яъне марги падар, мишмишҳои пешвоёни қабоил ва бахусус ҷудоиандозиҳои баъзе аз онҳо ӯро, маликаи массагетҳоро ғофилгир накарданд.

Нахуст малика дастаи ҳимоятгарони хешро мустаҳкам намуд, лекин вай хуб медонист, ки ин танҳо ибтидои кор асту ба ҷониби худ моил сохтани пешвоёни қабоил ва коҳинон мақсади асосӣ хоҳад буд. Афсӯс! Гуфтугӯ бо сарварони сарсахт натиҷаи хуб наовард. Қабилаи гургсарҳои назди Хазар, масалан, ошӯб карданду аз паси онҳо нерӯҳои марказгурези дигар. Бо ин ҳама массагетҳо пирӯз шуданд. Дар тӯли ин чанд соли ошӯбхомӯшкуниҳо малика писардор шуд ва ӯро ба ифтихори бобояш Спаргапис номид.

Солҳои зиёд паси ҳам гузаштанд. Писари Томирис бузург шуда, аз асрори сарбозию набард огаҳӣ ёфт. Ин рухдод ба замоне рост омад, ки дар даштҳои саккоиҳо аз лашкаркашии навбатии Куруш,

барпокунандаи давлати бузурги Порсҳо овозаҳо паҳн гардид. Теъдоде аз массагетҳо дар ҷангҳои пешин ширкат доштанд ва онҳо медонистанд, ки акнун баъди ишғоли Бобул Куруш ба ҷониби Миср хоҳад рафт.

Дар ибтидо ин гуна овозаҳо дуруст буданд. Тибқи маълумоти олимон Куруш нахуст мехост Мисрро ишғол бикунад, вале ноороми марзҳои шарқӣ, тохтҳои қабоили кӯчии массагет дар Осиёи Вусто таваҷҷӯҳи ӯро маҳз ба ҷониби саккоиҳо моил месозад. Вай дар шимоли шарқии давлати худ як қатор пойгоҳҳои марзӣ месозад. Танҳо баъди ин, дар соли 530 пеш аз милод Куруш бар зидди массагетҳо шурӯъ ба лашкаркашӣ мекунад.Ақидаҳо нисбати ин кишваркушой, ба куҷо ва маҳз ба кадом қабоил ҳуҷум овардани артиши порсҳо хеле гуногунанд. Бо ин ҳама ағлаби донишмандони антиқӣ ҳамон фикри баённамудаи Ҳеродотро дастгирӣ менамоянд. Мувофиқи ин маълумоти Ҳеродот Куруш дар ҷое қисмате аз сарбозони нисбатан камтаҷрибаи худро мегузорад. Массагетҳо бо сарварии Спаргапис ба онҳо ҳуҷум оварда, муқовимати сахти Порсҳоро шикаста, онҳоро нобуд месозанд ва баъди анҷоми набард машғул ба базми пирӯзӣ мешаванд. Дертар, замоне, ки массагетҳо масту омодаи хоб буданд, қисмати асосии артиши Порсҳо ба онҳо зарба зада, теъдоди зиёдеро кушта, иддаи дигареро ба асирӣ мегиранд. Томирис муждарасонеро фиристода ба Куруш ин суханҳоро мерасонад:

«Куруши хунхор! Аз ин корнамоии хеш мабол. Ту писари маро на бо қувваи силоҳ дар набарди ошкор, балки бо ёрии гиёҳоба, бо маҳсули навдаи ангур, ки вақти ба сар задан фаҳми шумо порсҳоро ҳам рабуда, ба носазогӯиҳо меандозад, мағлуб кардӣ. Акнун ба маслиҳати неки ман гӯш фаро бидеҳ: ту густохона аз се як қисмати лашкари маро нобуд сохтӣ, ҳоло ки сиҳатӣ, писарамро бидеҳу аз ин сарзамин бирав. Агар чунин накунӣ, ба номи Худои Хуршед, савганд ба ҳокими массагетҳо, ки чӣ қадаре ташна мабошӣ, туро аз хун сер хоҳам кард».

Шоҳзода Спаргапис баъди гузашти кайфи мастӣ вазъи табоҳи

хешро фаҳмида, аз Куруш хоҳиш намуд, ки ӯро аз банд раҳо бидиҳанд. Хоҳиши ӯ қабул гардид. Ва ӯ ҳамоно баъди кушодани банди дастҳо худро кушт. Порсҳо ҷасади шоҳзодаро ба Томирис доданд. Модар писари ягонаашро кушта диду мисли паланги захмӣ хешро аз ҷое ба ҷое андохт.

«Аё Куруш! – нидо кард ӯ. – Дигар байни ману ту сулҳ буда наметавонад!»

Спаргаписро бо русуми массагетӣ, бо қурбонӣ овардани теъдоде аз ғуломон гӯрониданд. Баъди гузашти чанд рӯз дар гирдиҳамойии пешвоёни қабоил Томирис ба онҳо фармон дод, ки ба набарди шадиди рӯ ба рӯ омода бошанд.

Пеш аз шурӯи ҷанг Порсҳо ба Хуршеду массагетҳо ба Ораш, худои корзору пирӯзӣ, ки онро шамшери бузург таҷассум менамуд, ниёиш оварданд. Тайёрии саккоиҳо тӯл кашид. Ин ҳол сабри баъзе аз сарбозони Порсро рабуд. Аммо Куруш ором буд. Вай ба саворасипоҳи саккоиҳо, ки пеш меомад, таваҷҷӯҳ мекард. Савораҳо зуд теъдоди сарбозони Порсро аз по афтонданд. Набарди хунин шурӯъ шуд. Ҳар ҷониб нақшаи хешро пеш бурда, ба майдон пасиҳам нерӯи тоза фиристод. Гаҳ сарбозони Куруш ва гаҳ ҷанговарони Томирис пешдастӣ карда, дар ҷое аз майдони паҳнои ҷанг пирӯз шуданд. Акнун, замоне ки Порсҳо ташаббусро ба даст гирифтанд, Томирис шӯридасипоҳашро ба кор андохт. Ин амали малика боиси хушнудии Куруш гардид. Ва ӯ зуд анушасипаҳи кордидаи хешро ба майдон фиристод. Дар ибтидо истодагию бурд баробар буд. Дертар, баъди гузашти соате сарбозони анушасипаҳ ҷо-ҷо пирӯз шуданд ва минбаъд теъдоди ин пирӯзиҳои маҳаллӣ рӯ ба афзоиш овард. Порсҳо, бехабар аз он ки Томирис тозасипоҳи дигареро ҳам дорад, далерию мардонагӣ карда, ҷанговарони зиёди массагетҳоро маҳв намуданд. Ана, дар ҳамин лаҳзаи ҳассос дар гӯшаи дури биёбон сумзании аспони зиёд баланд шуд. Баъди чанд дақиқа ба майдон нерӯи тозаи ҷанговарзанон бо шӯру ҳуштаккашӣ дохил шуданд. Куруш дигар сипоҳи эҳтиётӣ надошт, ки ба ин шаш ҳазор нафар савораи массагетҳо муқобил гузорад. Порсҳо ҷангро бохтанду Куруш

кушта шуд. Ин пирӯзӣ истиқлолияти массагетҳоро ҳифз намуд. Ба қабоили саккоиҳои далеру шуҷоъ шӯҳрат оварду номи маликаи онҳо Томирисро абадан ба китоби таърих сабт намуд.

*(Аз китоби Раҳимҷони Шарофзода «Ориёиҳо»)*

### Луғат:

**Осиёи Вусто** – Осиёи Миёна,
**тамрин** – машқ,
**қабоил** – қабилаҳо,
**таammул** – андеша, тоқат, сабр,
**коҳинон** – пешвоёни қабила,
**ағлаб** – аксарият,
**атиқӣ** – қадима

### Савол ва супориш:

1. *Томирис кӣ буд?*
2. *Дар луғатҳо Томирис ба чӣ маъно омадааст?*
3. *Томирис дар оила чӣ тавр тарбия меёфт?*
4. *Чаро Томирис бо Куруш ҷангид?*
5. *Набарди хунин бо чӣ анҷомид?*
6. *Чаро Куруш пирӯз нашуд?*

**Дарси 12**

## ВАТАН

*Муҳаммадалии Аҷамӣ*

*Шинохтам ман аз ту хешро,*
*Ватан! Ба ту сипоси бекарон.*
*Набудаӣ, набуда шеъри ман,*
*Қасам ба рӯҳи поки рафтагон.*

*Шукӯҳи безавол ёфтаам*
*Ман аз ҳавову хоку оби ту.*
*Паём аз ту ҳар саҳар диҳад*
*Маро саманди офтоби ту.*
*Зи ишқи софу синасӯзи туст*
*Маро ҷунуну зӯру ҷон, Ватан,*
*Зи чорсӯи даҳр ин замон*
*Маро ба худ бихон, бихон, Ватан.*
*Қаламкашӣ ту қисмати маро,*
*Навиштааст бар ҷабини ту*
*Ки пушт-пушти ман ҷавону пир*
*Ба хоб рафта дар замини ту.*
*Ғами Сиёвушону Коваҳост*
*Ғаме, ки ҷонгудоз гаштааст,*
*Чӣ дастҳо ниҳону ошкор*
*Ба қасди ту дароз гаштааст.*
*Бурун-бурун ба ранҷу ҳасратам,*
*Дарун-дарун алам гирифтаам*
*Зи нахли хоки поки Рӯдакӣ*
*Қаламчаи қалам гирифтаам.*

## Луғат:

**паём** - хабар,
**саманд** - аспи сурхи бодпо,
**нахл** - ниҳол,
**ҷунун** - аз худ рафтан, девонагӣ
**даҳр** - дунё, олам.

## Савол ва супориш:

1. *Худшиносии худро шоир дар чӣ мебинад?*
2. *Шукӯҳ ва шӯҳрати шоир аз чист?*
3. *Шоир чаро аз Ватан сипосгузор аст?*

4. *Шоир аз чӣ ғамгин аст?*
5. *Дар кадом байт шоир худро аз авлоди Рӯдакӣ медонад?*

**Дарси 13**

## ҚАТЛИ ВОСЕЪ
### (Монолог)

*Мӯъмин Қаноат*

*Қаср.*
*Ишратгоҳи тобистони шоҳ.*
*Ҷои қатли «ёғиёни» бегуноҳ,*
*Мир бо асҳоб дар айвони арк.*
*Бандагони мир дар майдони арк,*
*Дар миёна дор,*
*Восеъ пойдор,*
*Ҳамчу кӯҳи Балҷувонаш устувор.*
*Хокро бӯсид, сарро аз замин*
*Кард боло, хӯрд бар чархи барин.*
*Кӯҳ ин фурсат ба ӯ ҳамроҳ шуд,*
*Дори шоҳон назди ӯ кӯтоҳ шуд...*
*Дар ғазаб омад аз ин мири ғазаб,*
*Гуфт аркон,*
*Гуфт майдон: «Воаҷаб!»*
*Аз сафи омода сарбози савор*
*Халқаро пайваст бо шохи чанор,*
*Бандиро овард сӯи зинадор.*
*Аз чинор омад яке бӯи диёр,*
*Аз диёр омад садои Гулизор.*
*Танг омад ҳалқа гирди горданаш,*
*Танг омад дар бадан пироҳанаш.*
*Кунда аз зери ду пояш дур шуд.*

*Шаҳчаноре бо чаноре ҷӯр шуд…*
*Зад амири бехабар табли зафар,*
*На, аморат мезанад бонги хатар!*
*Баски бисёр аст ҳамдастони ӯ,*
*Рӯди саршор аст кӯҳистони ӯ!*

## Луғат:

**монолог** – гуфтугӯи як нафар,
**ёғӣ** – шахсони бо амир ҷангӣ, оштинопазир,
**асҳоб** – ҳамсӯҳбатон,
**бандагон** – ғуломон,
**арк** – қалъа,
**аморат** – ҳокимияти амирӣ.

## Савол ва супориш.

1. *Ҳисоб кунед. Шоири халқ Бобоюнус Худойдодзода соли 1878 дар деҳаи Косатароши Балҷувон таваллуд шудааст. Дар синни 16-солагиаш дар шӯриши Восеъ иштирок кардааст. Шӯриши Восеъ кай ба амал омадааст? Баъди сӣ соли шӯриш ӯ «Достони Восеъ»-ро навиштааст. Бобоюнус ин достонро кай эҷод кардааст?*
2. *Восеъ чаро исён бардошт? Вай аз мири Балҷувон чӣ мехост?*
3. *Оё Восеъ ба ғалабаи ростӣ, ҳақиқат ва озодӣ боварӣ дошт?*
4. *Чаро М. Қаноат Восеъро ба чинор монанд кардааст?*
5. *Магар ёғиҳо қасди Восеъро гирифтанд?*

Дарсҳои 14-18

# ИСМОИЛИ СОМОНӢ — АСОСГУЗОРИ ДАВЛАТИ ТОҶИКОН

Дарси 14

## ДАВЛАТИ СОМОНИЁН



Дар таърихи давлатдории тоҷикон таърих гувоҳ аст, ки дар гузашта ҳеҷ давлате мисли давлати Сомониён ба халқи худ ин қадар хизмати арзанда накардааст. Махсусан дар аҳди намояндаи барҷастаи сулолаи Сомониён— Исмоили Сомонӣ баъди истилои арабҳо давлати муқтадиру мутамарказ арзи вуҷуд намуд. Ин давлат дар муддати як асри мавҷудияти худ рисолати таърихии худро иҷро намуд. Ин давлат кореро анҷом дод, ки пешгузаштагон аз ӯҳдааш набаромада буданд. Бо ифтихор эълон кардани Исмоили Сомонӣ, ки «То ман зинда бошам, бораи (девори) вилояти Бухоро ман бошам» аз иқтидори ин шоҳи мардумнавоз гувоҳӣ медиҳад.

Исмоили Сомонӣ тавонист, ки якум, Давлати Сомониёнро аз ҳуҷуми аҷнабиён девор шавад, дуюм, давлати ҳақиқатан миллӣ созад ва ба маънои томаш даврони тиллоии давлатдории тоҷикон гардад.

Бузургии Исмоили Сомонӣ дар он буд, ки ӯ ба ҷангу ҷидолҳои дохилӣ хотима дод, бо халифаҳои араб мадоро намуд ва давлати миллӣ ва мутамаркази тоҷиконро ташкил дод, кишварҳои бузурги Хуросону Варорӯдро зери ҳимояи худ гирифт ва ҳомии онҳо шуд.

ваҳдат ва ягонагии халқро ба вуҷуд оварда, ҳисси созандагӣ ва бунёдкориро эҳё намуд, таърих, анъана ва расму ойинҳои аҷдодиро зинда намуд, илм, фарҳанг, адабиёт ва ҳунарҳои мардумиро ривоҷ дод.

Сохти давлату давлатдории Сомониён мактаберо мемонд, ки аз он даҳҳо шоҳону амирон, ки минбаъд сари қудрат меомаданд, меомӯхтанд. Сохтори ҳукумат, дастгоҳи давлату низоми давлатдорӣ, ки Исмоили Сомонӣ асос гузошта буд, таърихнигорон, адибон ва сайёҳони хориҷиро мафтун мекард.

Аз оғози асри 11 сар карда, қариб ҳазор сол бахт ба рӯйи тоҷикон нахандид ва давлату давлатдории онҳоро бегонагон рабуданд. Ҳарчанд ки барои баргардонидани Давлати Сомониён баъзе комёбиҳои ҷузъӣ аз ҷониби Абӯиброҳими Исмоил ба даст оварда шуд, вале ин кӯшишҳо самар надоданд. Давлату давлатдорӣ ба дасти ғазнавиён, салҷуқиҳо, қарахониҳо, ғуриён, хоразмшоҳиён, муғулҳо, темуриён, шайбониён, аштархониён, манғитиён гузашт.

Хизмати бузурги Давлати Сомониён ва Оли Сомонро миллати фарҳангдӯсти тоҷик ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад. Ҳаштуми августи соли 1999 Президенти мамлакат Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов бахшида ба 1100-солагии Давлати Сомониён бо камоли ифтихору сарфарозӣ халқи кишвар ва тоҷикони тамоми ҷаҳонро табрик намуда гуфт:

«Хизмати бузурги таърихии Исмоили Сомонӣ ва ниёкони он буд, ки низоми ниҳоят муназзам, муассир ва фаъоли идораи марказӣ ва маҳаллиро бунёд гузоштанд. Ин низом унсурҳо ва арзишҳои муҳимтарини давлатдории ориёиро эҳё намуда, онҳоро бо арзишҳои тамаддуни гузаштаю мавҷудаи давр омезиш дод».

## Луғат:

**ниёкон**-гузаштагон,
**муназзам**-бонизом, ботартиб,
**муассир**-таъсирбахш,
**тамаддун**-маданият, фарҳанг, пешрафт.

## Савол ва супориш:

1. *Чаро аз Давлати Сомониён бо ифтихор ёдовар мешавем?*
2. *Барои чӣ Исмоили Сомонӣ худро девори Бухоро меномид?*
3. *Кадом хизматҳои Исмоили Сомониро медонед?*
4. *Чаро тариқи давлатдории Сомониёнро ба мактабе монанд мекунанд?*
5. *Давлати Сомониён кай барҳам хӯрд?*
6. *1100-солагии Давлати Сомониёнро дар Тоҷикистон кай ҷашн гирифтанд?*
7. *Суханони Президенти кишвар Э.Ш.Раҳмоновро оид ба хизматҳои Исмоили Сомонӣ азёд кунед.*

**Дарсҳои 15-16**

# ДЕВОРИ БУХОРО

Замони дар сари ҳокимият буданаш Исмоили Сомониро ҳамчун шоҳи донишманд, соҳибхирад, маърифатпарвару далер ва зирак ҳамагон эътироф мекарданд ва дар бораи кордонӣ, дурандешӣ, хирадмандӣ ва хоксории ӯ нақлу ҳикоятҳо менамуданд.

Мегӯянд, дар Бухоро мавзеи хушманзарае будааст, ки он ҷоро Ҷӯйи Мӯлиён мегуфтаанд. Мӯлиён калимаи кӯтоҳшудаи арабии «Маволиён» аст, ки маънои «ғуломи озодшуда»-ро дорад. Исмоил ҳамин мавзеъро харида, обод мекунад, баъд ба сарбозонаш мебахшад.

Исмоилро одате буд, ки рӯзҳои сард ва боронӣ ҷома ба бар мекард ва дар саҳни қаср гаштан мегирифт. Боре дарбориён Исмоилро дар ҳамин ҳол дида, мегӯянд, ки шоҳон дар чунин рӯзҳо дар хонаҳои гарм мешинанд ва айшу нӯш мекунанд. Шумо чӣ кор мекунед? Исмоил ҷавоб медиҳад, ки на ман аз он шоҳонам ва на онҳо Исмоили Сомонианд. Дигар ин ки метарсам аз он ки мабодо дармондае ва ё корафтодае биёяду маро надида, ноумед шуда баргардад.

Аз ин амал маълум мешавад, ки Исмоил ҳар чизи некро, ки аз ниёкон дар тарзи идораи давлатдорӣ мерос монда буд, мепазирад ва худ давом медиҳад. Тахминан 1600 сол пеш дар аҳди Сосониён Анӯшервони Одил силсилазанҷирҳо ороста, ки ситамдидагону корафтодагонро шахсан худаш қабул намояд ва аҳвол бипурсад. Ҳар ситамдида меомад ва силсиларо меҷунбонид. Зангӯла занг мезад. Нӯшервон мебаромад, арзу додашон мешунид ва заифонро аз ҷабри қавиҳо ҳимоят мекард.

Бародари Исмоил Наср Аҳмади Сомонӣ шоҳ буду пойтахт-Самарқанд. Наср Исмоилро ҳокими Бухоро таъин карду гуфт, ки аз даромади ҳарсола 700 ҳазор динор ба хазинаи давлат супорад. Исмоил итоат накард ва гуфт, ки ин миқдор динорро барои ободии вилоят сарф мекунам. Миёни бародарон иғво андохтанд. Наср бо мақсади ҷанг сӯи Бухоро лашкар кашид. Исмоил гуфт, ки Бухороро худат ба ман дода будӣ, агар хоҳӣ, бе ҷангу хунрезӣ онро пас гир. Ва худаш шаҳрро тарк кард.

Хунрезӣ рӯй надод. Бори дуюм задухӯрд бо ғалабаи Исмоил анҷомид. Дар майдони ҷанг Наср бо қисми зиёди аскаронаш асир афтод. Насрро назди Исмоил оварданд. Фармуд, ки сару рӯяшро шуста, ба вай либоси тоза пӯшонанд. Исмоил бародарро ба оғӯш гирифт, бӯсид ва сар пеши пояш гузошт. Баъд либосу тӯҳфаҳои зиёде дода, сӯи Самарқанд равон кард. Наср аз ин рафтори бародар дар хиҷолат ва аз кардааш пушаймон шуд. Исмоил айнан ҳамин амалро ба Амр ибни Лайс, ки ҳукмрони Хуросон буду бо иғвои халифаи араб қасди ҷони Исмоил карда, сӯи Бухоро лашкар кашид, такрор намуд. Амр асир афтод. Исмоил аз пешонааш бӯсид, меҳмоннавозӣ кард, ҷавобаш дод. Лайси ҳайратзада пурсид, ки оё маро намекушӣ? Исмоил ҷавоб дод, ки мусулмон магар хуни мусулмон мерезад? Ту – тоҷик, ман – тоҷик, тоҷик магар хуни тоҷик мерезад? Ман бандаи Худоям, ту ҳам бандаи Худоӣ. Чаро бандаи Худо ба бандаи Худо бадиро муносиб донад? Тазодро бубинед, ки Исмоили мусулмон ба Лайси мусулмон бадиро раво намебинад,

вале халифаи араби мусулмон, ки дар Бағдод менишаст, Амр ибни Лайсро ба ҳузураш даъват карда хоинона мекушад.

Мегӯянд, бародари калонӣ Илёс ба қаср ба назди Исмоил меояд, ки подшоҳ буд. Исмоил бо шахсе сӯҳбат мекард. Илёс гӯшае нишаста мушоҳида мекунад. Сӯҳбат ба охир мерасад. Он шахс равон мешавад. Исмоил аз ҷой хеста ҳафт қадам пеш мегузорад, то он меҳмонро гусел намояд. Илёс ҳайрон мешавад ва мегӯяд, ки аз рӯи қоидаи маъмул шоҳ набояд аз ҷой хезад ва ё қадаме пеш гузорад. Исмоил табассум мекунад ва мегӯяд:

-Шарофати илм бисёр аст.

## Луғат:

**тазод**-муқобилгузории ду кас ё ду чиз,
**шарофат**-фоида, манфиат.

## Савол ва супориш:

1. *Барои чӣ Исмоили Сомониро ҳанӯз дар айёми дар сари қудрат буданаш ҳама эътироф мекарданд?*
2. *Дар хусуси Ҷӯи Мӯлиён нақл кунед. Маънои онро гӯед.*
3. *Оид ба муносибати Исмоили Сомонӣ бо корафтодагон чӣ медонед?*
4. *Ҳоҷатбарории Исмоили Сомонӣ бо усули давлатдории Анӯшервони Одил чӣ муносибат дошт?*
5. *Чаро Исмоил аз андозсупорӣ саркашӣ кард? Барои чӣ шаҳрро тарк кард?*
6. *Исмоил дар ҳаққи бародари мағлубаш Наср ва Амр ибни Лайси шикастхӯрда чӣ кард?*
7. *Барои чӣ амир Исмоил хилофи қоидаи шоҳон аз қафои шахсе ҳафт қадам пеш мегузорад?*
8. *Сухани Исмоил: «Шарофати илм бисёр аст» чӣ маънӣ дорад?*

Дарси 17

# ПАЙКАРАИ МЕҲР



Ҳамеша серодам аст майдони Ваҳдати миллӣ (Дӯстӣ). Коргарону деҳқонони хокпош, олимону шоирон, арӯсону домодон, меҳмонону мизбонон, муаллимону талабагон, устодону донишҷӯён, сарварону роҳбарон - хулоса ҳазорон одамон ба ин майдон меоянд, ба пояи пайкараи Исмоили Сомонӣ гулдастаю гулчанбарҳо мегузоранд, лаҳзае хомӯш меистанд, сари таъзим фуруд меоранд, шеърҳо мехонанд, ваъз мегӯянд.

Ҳамин тавр, солҳо мегузаранд, наслҳо меоянд, мисли мо пайкараи Исмоили Сомониро зиёрат мекунанд, гулдастаҳо мегузоранд. Савганди аҳду вафо мехӯранд, ки содиқ мемонанд ба ҳамдигар, ба Ватан — ба Тоҷикистони азиз. Аз омӯзгорон мешунаванд, аз китобҳо мехонанд, ки ин пайкара бо ин ҳашамату бузургӣ ва бо ин покию зебой кай, чӣ тарз ва дар аҳди кӣ бунёд гардидааст.

Аммо мо хушбахтем, ки сохтмони онро ба чашми сар дидем. Пайкара қомат афрохта, сар ба боло мекашад ва ба рӯйи хуршед менигарад. Нури ҳаловатбахши хуршед ҷуссаи мисини пайкараро ба оғӯш мегирад, аз рухсора ва ҷабинаш мебӯсад. Гӯё гуфтанист: «Куҷо будӣ, эй сояи Худованд дар рӯйи замин, куҷо рафтӣ, эй шоҳи олам Исмоили Сомонӣ? Ҳазору сад сол туро кофтам, суроғ кардам аз моҳу ситорагон, аз обу насим пурсидам. Ин замину ин диёр бе ту бегона буд, сард буд, бе рангу бӯ буд. Эй шоҳи тоҷикон, аз баландӣ назар

бикун ҷониби кӯҳу пушта, дашту даман. Чӣ мебинӣ? «Лолазорон мебинам ҳама ҷо». Бале, Исмоил, лолаҳое, ки мебинӣ, аз хуни авлоду наслҳои туст. Зиёда аз ҳазор сол бегонагон омаданд, сӯхтанд, куштанд, бурданд.

Ту ободд кардӣ, онҳо хароб, ту боғ бунёд кардӣ, онҳо — хору хас, ту илму дониш овардӣ, онҳо — ҷаҳл, ту сохтӣ, онҳо сӯхтанд, ту шодию сурур овардӣ, онҳо — ғаму андӯҳ, ту будӣ рамзи озодӣ, онҳоянд рамзи бандагӣ, ту сулҳ овардӣ, онҳо — ҷанг.

Аммо авлоди ту, тоҷики сарсахти ту банда нашуд. Мубориза бурд бо илму фарҳангаш, бо ақлу заковаташ, бо забони тавонову гӯёаш. Дар ҷаҳон кам халқе пайдо мешавад, ки муқобили шамшер китоб, муқобили найза гул, муқобили зоғ кабӯтар, муқобили тӯфанг нон гузошта бошад. Ифтихор бикун, эй Исмоили Сомонӣ, ки гул, китоб, кабӯтар, нон рамзи авлоди ту — тоҷикон аст.

Нури ҳаловатбахшу форами офтоб, дилу дида ва меҳри гарми ҳазорон нафар одамон ба пайкара ҷон даровард, магар ки пайкараи доҳӣ чашм кушод, назар афканд, муроҷиат намуд:

— Мо тоҷикем ба ивази калимаи орийӣ. Орием аз ҳар гуна гуноҳ, хуҷастаем, поку покизаем. Дорои китоб, илму фарҳанг, адабиёти тароватбахш, забони равон, хирад, ақли мунаввар! Мо хоки муқаддас, замин ва Ватанамонро дӯст медорем. Чанд хатоие, ки насли мо содир кард, барои тоҷику тоҷикон басо гарон афтод. Бештар аз ҳазор сол давлату давлатдориро аз даст дод. Тоҷик дар Ватанаш беватан буд. Шумо, эй халқи пуршарафи ман, аз сабақи таърих ибрат бигиред, хатоҳои моро такрор накунед. Муваффақияти шумо дар иттиҳоду ваҳдат аст. Аз табиат омӯзед: Ҳама чиз дар робита, сабабу оқибат, ваҳдат вуҷуд дорад. Ҷамъият ҳам бояд ҳамин тавр бошад. Агар рӯҳи маро шод гардониданӣ бошед, ваҳдати комили миллӣ ба даст оред, дар сулҳу сафо, оромию осоиштагӣ зиндагӣ ба сар баред.

Осуда бош, эй доҳии миллат! Халқи тоҷик - авлоди пуршарафи ту ба қадри хизматҳои шумо ва насли шумо мерасад. Хизмати бузурги насли шумо дар таърих фаромӯшнашаванда аст.

### Савол ва супориш:

1. *Оё Шумо пайкараи Исмоили Сомониро дар шаҳри Душанбе аз наздик дидаед?*
2. *Боз дар кадом шаҳрҳо ҳайкали Исмоили Сомонӣ гузошта шудааст?*
3. *Чаро мо Исмоили Сомониро чун доҳӣ мепарастем?*
4. *Барои чӣ дар дили Ватанамон-шаҳри Душанбе пайкараи Исмоили Сомонӣ сохта шуд?*

**Дарси 18**

## ХОКИ ВАТАН

*Лоиқ Шералӣ*

*Тоҷикистон – мазҳари ман,*
*Сарзамини камзамин,*
*Ту саросар кӯҳсорӣ,*
*Ту саросар сангзорӣ,*
*Чунки фарзандони ту дар тӯли таърихи дароз*
*Ҳар куҷо рафтанд,*
*мушти хок бо худ бурдаанд.*
*Чунки фарзандони ту дар ҷустуҷӯи бахти худ*
*Дар биёбонҳои тафсон дур аз ту мурдаанд.*

*Ҳар куҷо рафтанд маҳҷуру гариб*
*Аз фироқат ҷуфти онҳо нолаю андӯҳ шуд.*
*Ҷумла дар кӯи гарибӣ хок гаштанд эй дарег,*
*Орзуҳошон дар ин ҷо санг басту кӯҳ шуд.*

*Ҳар куҷо рафтанд онон*
*Ё ба Макка ё Мадина,*
*Ё ба гурбат,*
*ё тиҷорат,*
*Ё гуреза аз ҳама тазвиру кина,*
*Мушти хокатро ба киса ёдгорӣ бурдаанд.*

*То агар рӯзе бимиранд аз қазо,*
*Дар ғарибӣ бекасу беошно*
*Хоки ту бошад нишони охирин....*

*Тоҷикистон!-*
*Сарзамини камзамин,*
*Хоки ту ин сон парешон гаштааст.*
*Бо ҳама хоки ҷаҳон ингуна ҳамсон гаштааст.*
*Хоки ту*
*Бо сари пуршӯри Деваштич то Бағдод рафт.*
*Он сари аз тан ҷудо,*
*Аз ту ҷудо*
*Бо дод аз бедод рафт.*
*Хоки ту*
*Бо сари Рахшона то Юнон расид,*
*Бо ҳазорон нолаю афғон расид.*
*Монд дар Табрез бо наъши Камол,*
*Бо Замин омехт шуд то безавол...*

### Луғат:

**мазҳар** – ҷойи зуҳур, зодгоҳ,
**маҳҷур** – дур аз диёр,
**тазвир** – ҳила, найранг,
**афғон** – нола,
**наъш** – турбат, ҷисм,
**безавол**- бешикаст.

### Савол ва супориш:

1. *Чаро аз диди шоир Тоҷикистон кӯҳсор аст?*
2. *Тоҷики овора аз диди Лоиқ чӣ гуна аст?*
3. *Охирин нишони тоҷики ғариб чӣ буд?*
4. *Хоки Тоҷикистон бо кадом роҳ парешон гардид?*
5. *Хоки Тоҷикистонро киҳо ба Бағдоду Юнону Табрез бурданд?*

**Дарсҳои 19-26**

# НАВРӮЗ — ҶАШНИ МИЛЛИИ МО

**Дарсҳои 19-21**

## НАВРӮЗ ВА ПАЙДОИШИ ОН



Бачаҳои донову закӣ, Шумо бояд таърихи Наврӯзро, ки ҳамчун ҷашни миллии мо ҳар сол қайд мешавад, хуб донед. Огаҳӣ дошта бошед, ки баргузории ин ҷашн кадом рӯз аст. Чаро онро Наврӯз меноманд.

Ҷашни Наврӯз яке аз суннатҳои писандидаву интишорёфта ва неки тоҷикон аст, ки пайдоиш, густариш ва мақому манзалаташ дар фарҳанги ниёгон таърихи панҷҳазорсола дорад.

Роҷеъ ба ин ҷашни ба дилҳо наздики мардумӣ аз қадимтарин сарчашмаҳои хаттӣ маълумотро ба таври ривоят бошад ҳам, дарёфт кардан мумкин аст. Масалан, дар «Занд Авасто» ривояте омадааст, ки тибқи он ба мабдаи муқаддас ва тавонотарини тавоноҳо Ҳурмузд (Аҳурамаздо) баъди се ҳазор соли подшоҳӣ аз ҷониби мабдаи ҷаҳолат ва торикӣ Аҳриман тааррӯз сурат мегирад. Мабдаи некӣ ва равшаноӣ Ҳурмузд ба мақсади маҳви Аҳриман равшаниро пайдо намуда, алайҳи Аҳриман равона менамояд. Равшанӣ торикиро, ки мағлуб мекунад, оламро рӯшноӣ мунаввар мегардонад. Гӯё ҳамин рӯзи пайдоиши равшании нахустин Наврӯз мебошад. Албатта ин ривоят беҳуда арзи вуҷуд накардааст, чунки равшанӣ рамзи ҳастӣ, рӯзгори осуда ва дастболо шудани зиндагӣ бар марг аст. Тавре ки

мусаллам аст, дар тӯли чандин ҳазора мардумони ориёӣ хамеша кӯшиш ба харҷ додаанд, ки Наврӯзро тибқи анъаноти ниёгон ба маросимҳои хосаш истиқбол бинамоянд. Пеш аз таҷлили он миёнаҳои моҳи ҳут «Аловпарак», «Чоршанбеи охирон», «Ҷашни ҳут», «Оташафрӯз», «Чоршанбеи сурӣ» барин маросимҳоро доир намуда, аз ҳар гуна ранҷурию нохушӣ ва бебарориҳо худро пок сохта, Наврӯзро ба шодмонӣ, нишоту тараб ва хони пурнозу неъмату дегҳои лаболаб аз таом истиқбол менамуданд. Ақидае роиҷ буд, ки ҳар хонадон, ҳар касе рӯзи аввалини сол Наврӯзро ба шодмониву фаровонии ғизо ва сарҷамъ ба аҳли хонавода истиқбол намояд, тамоми сол рӯзгораш осуда, хонааш обод монда, нохушиву дасткӯтоҳӣ ба хонадонаш роҳ намеёфтааст, тамоми сол хайру баракат ва фаровонӣ манзили ӯро тарк намегуфтааст. Инчунин мардум кӯшиш мекарданд, ки дар Наврӯз босаховат бошанд, дилозору бешафқат набошанд. Чунки тибқи ақидаи ниёгон – Наврӯз рамзи некӣ, покӣ, эҳёи олами хуфта, фано ёфтани зимистони сарду бераҳм будааст. Яъне Наврӯз маънии пирӯзии ҳаёт бар маргро дорад. Беҳуда нест, ки ниёгони мо дар масири таърихи тӯлонии фарҳанги худ Наврӯзро чун мардумаки дидагонашон эҳтиёт намуда, маҳфуз дошта, то ба рӯзгори мо расонидаанд.

Бачаҳои азиз! Инак, ба куҳандиёри мо фасли баҳори гулбасар омад. Дашту даман, талу теппа ҷомаи сабзи махмалин ба бар карда, гуллпӯш гаштаанд. Наврӯзи нозанин дасти мову шуморо гирифта, ба домани дашти сабзу зебо ва озоду беканори табиат мебарад, ки гарму равшан аз офтоб, зебо аз ҳунармандии боду борон аст.

Наврӯз аз қадимтарин ҷашнҳои мардуми ориёист, ки ба оғози солшумории шамсӣ ба якуми моҳи фарвардин (ҳамал) ва ё 21 марти солшумории мелодӣ баробар мешавад. Сарчашмаҳои таърихӣ Наврӯзро ба Ҷамшед нисбат медиҳанд. Сабаби Наврӯз ном ниҳодан он будааст, ки чун бидонистанд, ки офтобро ду давр аст. Яке он, ки баъди ҳар 365 рӯз рубъе аз шабонарӯз бо аввалин дақиқаҳои ҳамал бозояд. Ба ҳамон вақту рӯз, ки рафта бувад, бад-ин дақиқа натавонад омадан, чун ҳар сол аз муддате ҳаме кам шавад ва

Ҷамшед он рӯзро дарёфт ва Наврӯз ном ниҳод. Офтоб дар 365 рӯз ду давр мезанад ва ду давр, ки ба охир расид, сол поён ёфта, фасли баҳор оғоз меёбад.

Мувофиқи ривоятҳои халқӣ гӯё бахт ва файзу баракатро иблис ба одамон бозпас меорад ва ҳамон рӯзро Наврӯз номиданд.

Ривояте ҳаст, ки гӯё Искандари Мақдунӣ ҳангоми истилои Суғд таҷлили ин ҷашни пуршукӯҳро дар Истаравшан дида, дар ҳайрат мондааст ва фармудааст, ки Наврӯзро дар саросари қаламраваш ҷашн бигиранд. Баъд аз ин тантанаи иди мазкур дар тамоми Осиё паҳн гардид.

Дар даврони Шӯравӣ бо сабабҳои гуногун Наврӯз ид карда намешуд. Танҳо соли 1978 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашнгирии Наврӯз чун анъанаи ниёгон ба расмият даромад ва бо шарофати Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон акнун Наврӯз бо шукӯҳу шаҳомат истиқбол гирифта мешавад.

Азизони дилу дида, бачаҳои хубрӯяку хушрӯяк!

Шумо бояд инро ҳам донед, ки баробари омад-омади Наврӯз одамон омодагӣ мегиранд. Аз пайи оростани дастархони наврӯзӣ мешаванд. Ончунон ки дар замони Сосониён тоҷикон хони Наврӯзиро аз рӯи анъана бо ҳафт чиз таҳия менамуданд, ки ҳарфи аввалини онҳо бо овози «Ш» шурӯъ мешуд: шамъ, ширинӣ, шароб, шарбат, шакар, шоя, (бо гулобу оина). Пас аз истилои араб «ҳафтшин» ба «ҳафтсин» мубаддал гардид. Яъне мардум хони наврӯзиро бо себ, сабза, (ки ин ҷо анвои сабзаҷот ва сабзаи суманак низ бояд бошад), сир, сумоқ, санҷид, сипанд, самбӯса оро медоданд. Хушбахтона бо чунин тарз оро додани дастурхони солинавии ниёгонамон то ба имрӯз боқӣ мондааст.

Акнун якҷоя андеша намоем, ки Шумо ба ҷашни Наврӯзи имсола чӣ гуна тайёрӣ дида истодаед. Беҳтараш биёед, нақшаи таҷлили Наврӯзи имсоларо якҷоя тарҳрезӣ намоем. Пеш аз ҳама аз ороиши синфхона шурӯъ намоед. Бо ҳарфҳои зебову хоно бо матнҳои «Наврӯз муборак!», «Наврӯзи оламафрӯз омад», «Ҳар рӯзатон Наврӯз бод, Наврӯзатон фирӯз бод!» шиору овеза тайёр намоед.

Порчаҳои шеърҳои Наврӯзии шоирони классик ва муосири тоҷикро бо ҳуруфи ҳозира ва арабиасоси тоҷикӣ дар коғазҳои бузург хаттотӣ намуда овезед. Дар синф ба муносибати фарорасии Наврӯз рӯзномаи деворӣ таҳия намоед. Озмунҳои ҳунарии гулдӯзӣ, таомпазӣ, сураткашӣ созмон диҳед ва дар он фаъолона ширкат варзед. Дар гирду атрофи мактаб дар арафа ва рӯзҳои наврӯзӣ маъракаи кабудизоркунии муҳити зист, яъне ниҳолшиниро аз ёд набароред. Субҳи Наврӯз тибқи суннатҳои ниёгон табрик намудани волидон, устодон ва ҳамдарсонро бо суханони ширин, лаҳни гуворо ва дастагулҳои тару тоза фаромӯш накунед. Дар сурати иҷроиши ин маслиҳату тавсияҳо ҷашни Наврӯз барои Шумо хубу хотирмон хоҳад гузашт.

## Луғат:

**сумоқ** – меваи қарақотмонанд, ки ба таъом меандозанд,
**лаҳн** – овоз
**таарруз** – дастдарозӣ, зӯрӣ, ҳамла.

## Савол ва супориш:

1. *Мардуми мо Наврӯзро кай ҷашн мегиранд?*
2. *Чаро ин ҷашнро Наврӯз номиданд?*
3. *Кадом ривоятҳоро оид ба пайдоиши ҷашни Наврӯз медонед?*
4. *Роҷеъ ба ҳафтмеваи наврӯзӣ чӣ медонед?*
5. *Дар Тоҷикистон Наврӯзро ҷашн гирифтан аз кай ба расмият даромад?*
6. *Шумо ба ҷашни Наврӯз чӣ гуна омодагӣ мегиред?*

Дарсҳои 22-24

# РУСУМИ НАВРӮЗӢ

## САБЗОНИДАНИ ҒАЛЛАДОНА

Ҳанӯз дар аҳди Сосониён мардум бисту панҷ рӯз пеш аз Наврӯз гандум, ҷав, нахӯд барин навъҳои ғалладонаро сабзонида, аз рӯйи сабзиши онҳо оғози корҳои деҳқонӣ ва авзои солро пешгӯӣ мекарданд. Агар майсаи сабзида рост нашъунамо мекард, сол серӣ меомад, вале агар сабза ба ҳар тараф паҳн мешуд, ба мардум ҳушдор медод, ки сол қаҳтӣ мешавад.

## ЧОРШАНБЕИ ОХИРИН

Дар Ҳисор, Рашт, Кӯлоб мардум бегоҳи чоршанбеи охири сол дар майдончаҳо, чорраҳаҳо гулхан даргиронида, аз болои он себорӣ меҷаҳиданд ва ин суханонро такрор мекарданд: «Ранҷурию зардии ман аз ту, сурхию хуррамии ту аз ман». Ҳамчунин барои хушбахтии оянда кӯзаҳои холӣ ва зарфҳои сафолиро ба оташ партофта мешикастанд. Ин маросимро дар Рашту Мастчоҳ «Чоршанбеи охирон» ва дар байни тоҷикони Хуҷанду вилояти Андиҷони Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Сафаркоҷдӣ» мегуфтанд.

## БАХТКУШОЁН

Тоҷикони баъзе маҳалҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон маросиме доранд бо номи «Бахткушоён». Дар баландии сабзу зебо идгоҳ таъин намуда, бонувон ва ҷавонони муҷаррад ба он ҷо даъват карда мешаванд. Духтарон либосҳои наву тоза ба бар карда, худро орову торо дода, ба идгоҳ мебароянд, бо ҷавонони бахтҷӯ вомехӯранд ва бахташонро меёбанд.

## ИДӢ

Дар арафаи Наврӯз дар баъзе маҳалҳои тоҷикнишин ҷавонони босавод, толибони илм бо номи «Идӣ» ё «Ҳафтсалом» шеъре навишта ба шахси дилхоҳаш тақдим мекарданд, ки дар он ба ивази шеър ягон тӯҳфа (хӯрок, пул) таманно мегардид:

Рӯзи Наврӯз асту ҳар кас идие дорад ҳавас,
Иди мову идии мо дидани рӯйи ту бас.

## БОРОНИ ҲАМАЛ

Ба истиқболи Наврӯз мардум хонаҳоро рӯбучину сафед мекарданд, бонувон худро оро медоданд, бачаҳову мардон либосҳои нав мепӯшиданд. Одамон зарфҳоро аз оби борон пур карда менӯшиданд, бо оби борон оббозӣ мекарданд, духтаракон дар таги борон сари луч суруд мехонданд:

Борони ҳамал,
Ба мӯям амал.
Мӯям дароз кун,
Дарози соз кун.

ё ки:

Борон биё ба ёвон,
Алаф шавад ба говон.
Говони мо шир диҳанд,
Шира ба кампир диҳанд.

## ҶУФТБАРОРОН

Ҷуфтбаророн маросими қадимӣ мебошад. Вақти шудгори заминро Бобои деҳқон муайян мекард. Рӯзи «Ҷуфтбаророн» мардум таомҳои бомазза мепухтанд. Пири кор фотеҳа медод: «Кушоиши кор, баракату барор, Бобои деҳқон мададгор, якатон шавад ҳазор!» Барзгарон пеш аз оғози ҷуфт ба шохи барзаговҳо равғани зағир мемолиданд, онҳоро бо ҳазориспанд дуд медоданд ва ба барзаговҳо яктоӣ нон мехӯрониданд.

## СУМАНАК

Суманакро дар шимоли Тоҷикистон «сумалак» ва дар Эрон «суману» мегӯянд. Маросими занона буда, пухтани суманак ба ӯҳдаи

зани зебо, покиза, ростгӯю ростқавл, серфарзанд ва бобаракат гузошта мешавад. Он барои ороиши дастурхони наврӯзӣ пухта мешавад.

Суманакпазӣ аз сари бегоҳ оғоз ёфта, то субҳ давом мекунад. Тамоми шаб занону духтарон дойра задаву суруд мехонанд ва нақароти зеринро замзама мекунанд:

Суманак дар ҷӯш мо кафча занем,
Дигарон дар хоб мо дафча занем.

Дар Эрону Афғонистон низ маросими суманакпазӣ роиҷ аст. Суруди «Нанаҷон» дар байни бачагони эронӣ хеле машҳур аст:

Нанаҷон, ман суману мехоҳам,
Бути шириндаҳану мехоҳам.
Нанаҷон, номаи иршод бидеҳ,
Сумануро ту ба ман ёд бидеҳ.
Сумaну беҳтар аз ҷони ман аст,
Суману ширaи дандони ман аст.

## ОШИ БОРОН

Дар охири баҳор вақте ки хушксолӣ меомад ва ғалладона хушк шудан мегирифт, занон дар лаби дарё ҷамъ шуда, хӯрок мепухтанд, ки ҳалила ном дошт. Занеро то гиря карданаш ба об тар мекарданд, то ин ки раҳми худованд биёяду борон фиристад ва суруд мехонданд:

Ашаглон, ашаглон,
Ашаглони ростина,
Оста биҷумбон остина.
Ғаллаи савзум қоқ шудаст,
Як бор бирезон борона.

Ин маросимро дар ҷануби Тоҷикистон «Ашаглон» ва дар шимоли Тоҷикистон «Сусхотун» мегӯянд.

## ГУЛГАРДОНӢ

Гулгардонӣ маросими бачагона мебошад. Бачаҳо охири зимистон ба кӯҳҳо баромада, аз таги курпаи барф гули сияҳгӯш (бойчечак)-ро чида меоварданд ва аз омадани баҳор мужда мерасониданд. Хона ба хона гашта суруд мехонданд:

Баҳор омад, баҳор омад,
Гули ҳафтранг қатор омад.
Ба деҳқон вақти кор омад,
Баҳори нав муборак бод!

Баҳор омад ба нимрӯзӣ,
Бичин гулҳои наврӯзӣ.
Бимон тоқии гулдӯзӣ,
Баҳори нав муборак бод!

Гули сияҳгӯш ҳафтранг аст,
Миёни хоку ҳам санг аст.
Хӯроки кабки дилтанг аст,
Ҳамеша дар сараш ҷанг аст,
Баҳори нав муборак бод!

Гули садбарги манӣ,
Саду як барги манӣ.
Гули сияҳгӯш қарақош,
Дили пурдарди манӣ.

Мардум гули сияҳгӯшро аз дасти бачаҳо гирифта ба дидаҳояшон молида, ба худо шукр мекарданд, ки ба баҳори нав сиҳату саломат расиданд ва ба бачаҳо ҳар гуна инъомҳо — ғалладона ва пул медоданд.

### Савол ва супориш:

1. *Мардум аз кай дар арафаи Наврӯз ғалладона месабзониданд?*
2. *Бо сабзонидани ғалладона чиро пешгӯӣ мекарданд?*
3. *Чоршанбеи охирон чист?*
4. *Оид ба маросими «Бахткушоён» чӣ медонед?*
5. *Мақсади «Идӣ» («Ҳафтсалом») аз чӣ иборат аст?*
6. *Дар бораи борони баҳорӣ шеъре гӯед.*
7. *Ҷуфтбаророн чӣ гуна маросим аст?*
8. *Оид ба маросими суманакпазӣ дар Тоҷикистон,Афғонистон ва Эрон нақл кунед. Суруди бачагони Эрон-«Нанаҷон»-ро азёд гӯед.*
9. *Дар хусуси маросиме нақл кунед, ки он ҳангоми хушксолӣ иҷро карда мешавад.*
10. *Гулгардонӣ чӣ гуна маросим аст? Оё Шумо дар арафаи Наврӯз барои гулчинӣ ба кӯҳ мебароед?*

**Дарсҳои 25-26**

## ИДҲОИ РАМАЗОН ВА ҚУРБОН

**Рамазон** аз «рамз» пайдо шуда, маънояш гарм, гармии тоқатфарсо аст. Моҳи нӯҳуми солшумории ҳиҷрии шамсӣ аст, ки онро моҳи рӯза ё ки моҳи сиём низ гӯянд.

Рамазон аз сӣ рӯз иборат буда, дар ин моҳ мусулмонон рӯза мегиранд. Дар интиҳои Рамазон се рӯз иди фитр давом мекунад. Рамазон аз рӯйи солшумории мелодӣ ҳар сол монанди дигар моҳҳои солшумории ҳиҷрии қамарӣ 10 рӯз пеш меояд. Соли 1984 Рамазон ба 31 май-29 июн рост омада буд.

**Қурбонӣ** аз калимаи арабии «қурб» гирифта шуда, маънои наздикӣ, қаробатро дорад. Маросимест дар дини ислом, ки аз садақа дар роҳи худо иборат буда, рӯзи 10-уми моҳи 12 (зулҳиҷҷаи

солшумории ҳиҷрӣ) баъди 70 рӯзи рамазон қайд карда мешавад. Қурбонӣ дар давраҳои аввали пайдоиши ислом асосан барои ҳоҷиёне фарз буд, ки ба тавофи Каъба меомаданд. Ҳоло мусулмононе, ки ба тавофи Каъба мераванд, рӯзи 10-уми ҳаҷ гӯсфанд ё шутур қурбонӣ мекунанд. Таърихан маросими Қурбонӣ дар динҳои тоисломии арабҳо ва яҳудиён вуҷуд дошт. Мувофиқи ривояти Таврот Иброҳими пайғамбар барои нишон додани садоқати худ ба худо писараш Исмоилро қурбонӣ карданӣ шудааст. Вале худо гӯсфанде фиристода, Иброҳимро аз ин кор боздоштааст. Қурбониро минбаъд шариати ислом ба расмият даровардааст.

Иди Қурбонро мардуми арабизабон иди шарифи «Азҳо» мегӯянд, ки маънои руҷӯъ ба бозгашт ба сӯйи адолату ҳақталошӣ, ба сӯйи инсофу диёнат, иттиҳоду ҳамбастагӣ ва муҳаббату бародарӣ мебошад.

Дар рӯзҳои идҳои Қурбон ва Рамазон мардуми мусулмон мувофиқи таомули аҷдодии худ дастурхони меҳру муҳаббат кушода, ёди мурдагон мекунанд, рӯҳи онҳоро хушнуд мегардонанд. Оромгоҳи гузаштагонро зиёрат карда, бо дуои хайр рӯҳашонро шод мегардонанд.

Азбаски ислом худ инсоф, адолат, сабр ва хайру эҳсон аст, дар рӯзҳои ид дили озурдаеро шод гардонидан, ба ниёзманде дасти ёрӣ дароз кардан ва сари ятимеро сила намудан барои ҳар як мусулмон ҳатмист.

Дар рӯзҳои ид роҳбарони корхонаю муассисаҳо, мардони саховатманд, тоҷирону соҳибкорон, ходимони дин ба ятимону барҷомондагон, маъюбону бепарасторон, тарбиятгирандагони сағирхонаҳо вобаста ба имкониятҳои худ мадад мерасонанд.

Имрӯз мо бояд шукрона кунем, ки аз баракати истиқлолияти давлатӣ ва сиёсати хирадмандонаи роҳбарияти Давлати Тоҷикистон идҳо ва маросимҳои миллию суннатиамонро озодона ва дар фазои сулҳу якдигарфаҳмии комил ҷашн мегирем. Аз ин рӯ

қарзи инсонии ҳар яки мову Шумо пеш аз ҳама расидан ба қадри оромии кишвар, обу хоки Ватан ва эҳтироми муқаддасоти Давлати Тоҷикистон аст.

### Луғат:

**ҳоҷӣ**-шахсе, ки тавофи хонаи Каъба кардааст,
**Каъба**-хонаи худо, қиблаи мусулмонон воқеъ дар давлати Арабистони Саудӣ,
**Таврот**-китоби муқаддаси яҳудиён,
**Иброҳим**-пайғамбари яҳудиён,
**Исмоил**-писари Иброҳими пайғамбар.

### Савол ва супориш:

1. *Рамазон чӣ маънӣ дорад? Моҳияти он аз чӣ иборат аст?*
2. *Иди фитр иди Рамазон аст ё Қурбон?*
3. *Қурбонӣ аз кадом калима пайдо шудааст ва чӣ маъно дорад? Он кай карда мешавад?*
4. *Қурбонӣ дар аввал барои киҳо фарз буд? Ҳоло чӣ?*
5. *Қурбонӣ кардан оё дар динҳои тоисломӣ вуҷуд дошт?*
6. *Арабҳо кадом идро иди Азҳо меноманд?*
7. *Ту дар рӯзҳои идҳои динӣ ба чӣ кор машғул мешавӣ? Падарат чӣ?*

Дарсҳои 27-30

# СУЛҲ — АРЗИШИ МИЛЛИИ МО

Дарсҳои 27-28

## ФАРҲАНГИ СУЛҲ — АРЗИШИ БУЗУРГИ МИЛЛИИ МО

*На дониш бошад он касро, на фарҳанг,*
*Ки вақти оштӣ пеш оварад ҷанг.*
*(Саъдии Шерозӣ).*

Сулҳу оштӣ дар табиату хислат, дар хуну фаросат ва дар имону дини мардуми тоҷик ҳамчун арзиш нуҳуфтааст. Дини мубини ислом пайваста ҷангҳои бемаънӣ ва харобиоварро маҳкум, сулҳу оштиро талқин менамояд. Сулҳ дар дину мазҳаби тоҷикон воситаи муҳими расидан ба саодат аст.

Тоҷик умре домони сулҳу оштиро маҳкам дошта, аз замину ҳунараш зиндагии сарбаландонаи худ ва фарзандонашро таъмин кардааст ва маҳз аз фарҳангу ҳикматаш боигарии маънавиаш боло рафтааст. Вақте ки як халқро замини ҳосилхез, обҳои мусаффои фаровон, сарватҳои моддию маънавии бепоён насиб гардидааст, ба лашкаркашию ғорат намудани кишварҳои дигар ҳоҷат нест. Таърих гувоҳ аст, ки тоҷикон умре бо замин, бо боғу роғ, ҳунару ҳунармандӣ, фарҳангу маърифат сарукор доранд. Вай на ба шамшеру тиру туфанги худ, балки адабиёту ҳикматаш дар Шарқу Ғарб ном баровардааст, ки инро оламиён эътироф кардаанд. Баръакс, аҷнабиён мудом ба ин сарзамин чашм ало кардаанд, куштаанду бурдаанд, аз каллаҳо манораҳо сохтаанд ва аз хуни ин мардум дашту даманҳо полагун гаштааст. Дар ин мавридҳо тоҷикон ба дифои хоки муқаддаси худ бархостаанд, вале ҳамеша кӯшиш кардаанд ва тадбир ҷустаанд, ки кор ба ҷанг наанҷомад.

Сулҳхоҳию сулҳпазирӣ омехта бо шири модару хуни поки миллати тоҷик ҳастии ҳар як фарди моро фаро мегирад ва то охири умр ҳамроҳӣ мекунад. Тоҷик дар ҳассостарин лаҳзаҳои ҳаёт аввалин сухане, ки мегӯяд, сулҳу ваҳдат аст.

## СУЛҲНОМАИ КИШВАР

*Маҳмадалишоҳ Ҳайдаршоҳ*

*Сулҳномаи кишвар ҳуҷҷати замон бошад,*
*Маънияш барои мо сулҳи ҷовидон бошад.*
*Он дурахши нури ақл-ақли тоҷикон бошад,*
*Ёдгори беҳамто дар ҳама ҷаҳон бошад,*
*Зеби мадҳу таҳсини шеъру достон бошад...*

*Сулҳномаи кишвар маънии ҳаёти мост,*
*Роҳи ҷабҳаи кашфу роҳи мӯъҷизоти мост.*
*Он гиреҳкушо андар банди мушкилоти мост,*
*В-он бувад ҳимоятгар ҳарчи дар бисоти мост.*
*Бурдбории тоҷик ҳар куҷо аз он бошад.*

*Сулҳномаи кишвар рӯ ба сӯи ободист,*
*Шоҳроҳи истиқлол, шаҳчароғи озодист.*
*Манбаъҳои илҳому маншаъҳои эҷодист,*
*Он ба маънии дигар, кори хайру бунёдист,*
*Роҳи мо аз он испед ҳамчун каҳкашон бошад.*

### Савол ва супоришҳо:

1. *Чаро сулҳро арзиши бузурги мардуми мо донистаанд?*
2. *Чаро тоҷикон сулҳдӯстанд?*
3. *Маънии сулҳ аз нигоҳи Шумо?*
4. *Шеъри «Сулҳномаи кишвар»-ро азёд кунед.*

Дарсҳои 29-30

# СУЛҲИ ДЕРИНТИЗОРИ МО ОМАД

Ҷомеаи Тоҷикистон, ки имрӯз роҳи сулҳро интихоб кардааст ва манфиати миллӣ аз манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ боло гирифтааст, боварии комил ҳосил намудан лозим аст, ки ба ҷомеаи фарҳангӣ ва давлати он ба давлати ҳуқуқбунёд табдил меёбад. Баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати байналхалқии он давраи нав оғоз ёфт. Тоҷикистони соҳибистиқлол чун аъзои комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид ҷангҳои маҳаллиро маҳкум намуда, баҳри пойдории сулҳ дар тамоми ҷаҳон баромад намуд ва чун аъзои Форуми Шанхай баҳри таъмини сулҳ дар Осиё саҳми босазои худро гузошт.

Дар қонунгузории кишварамон, бахусус Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 11) омадааст:

«Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад».

Имрӯз аз фарҳанги сулҳ ва рисолати сулҳпарварӣ на танҳоояндаи кишвари мо, балки тақдириояндаи ҷомеаи башарӣ вобаста аст. Аз ин лиҳоз мо, тоҷикон, ки таърихан миллати фарҳангиву сулҳпарвар ҳастем, ҳаёти осоишта, зиндагии озоду ором ва меҳнати созандаю бунёдкоронаро мақсаду мароми доимии худ қарор дода, ба сӯи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тарзи зиндагии дунявӣ пеш меравем.

Фарҳанги сулҳ беҳтарин неъмат ва волотарин дастоварди миллати тоҷик мебошад, ки рисолати инсондӯстию фарҳангпарвариро дар тӯли асрҳо пуштибонӣ намудааст.

Фарҳанги сулҳи тоҷикон ва сулҳу суботи имрӯзаи Тоҷикистон ифодагари орзуву ормон ва нияту мақсадҳои наҷиби мардуми шарифи кишварамон буда, он чун дастоварди истиқлолияти мо дар арсаи ҷаҳонӣ шӯҳрат ёфтааст.

Дар роҳи амалӣ намудани сулҳу ваҳдат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

саҳми Президенти мамлакат, мӯҳтарам Э.Ш.Раҳмонов бениҳоят калон аст. Аз рӯзҳои аввали давлатдории худ Э.Ш.Раҳмонов зӯровариро ҳамчун василаи ба эътидол овардани ҷомеа маҳкум намуда, ба хулоса омад, ки ба ваҳдати миллӣ ва бунёди ҷомеаи демократӣ маҳз дар заминаи сулҳу осоиш ва ба фазои мувофиқи сиёсӣ расидан метавон. Кӯшишҳои пайгиронаи ӯ роҳи дароз, пурмашаққат ва басо мушкили ҳалли ихтилофоти миёни тоҷиконро хотима бахшида, фазои мувофиқро барои бозгардонидани тамоми фирориёни иҷборӣ аз хоки Афғонистон фароҳам овард.

Таҷрибаи сулҳофарии тоҷиконро тамоми созмонҳои байналмилалӣ ҳамчун падидаи нодири ҳаёт эътироф карда, дар кишварҳои гирифтори муқовимати шаҳрвандӣ дар ҷаҳон мавриди омӯзишу истифода қарор медиҳанд.

Аз касе пӯшида нест, ки дар ибтидои солҳои навадуми асри гузашта хатари нобуд шудани миллати тоҷик ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, хатари тақсим шудани сарзамини муқаддас ва марзҳои ягонаи кишвар пеш омада буд. Маҳз эҳсоси гарми ватанхоҳӣ, андешаи тақдири ояндаи миллат, нигоҳ доштани марзу буми аҷдодӣ ва боло гирифтани ифтихору нангу номуси миллӣ фарзандони асили халқро ба музокироту гуфтушунид ва ҳалли осоиштаи муноқишаҳо водор сохт. Онҳо барқасди нақшаҳои душманони миллати тоҷик аз мухолифати мусаллаҳона даст кашида, аз тариқи музокироти осоишта ва гуфтушунидҳои сиёсӣ роҳи расидан ба сулҳу осоиш, ризоияти тарафайн ва ваҳдати миллиро пеш гирифтанд.

Сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ пеш аз ҳама дар натиҷаи сиёсати роҳбарияти давлатро дастгирӣ намудани тамоми халқи Тоҷикистон, сабру таҳаммули тарафҳои мухолиф ва кӯмаки давлатҳои кафил ва созмонҳои байналмилалӣ фароҳам омад. Таърих гувоҳ аст, ки дар сиришти мардуми мо хиради азалӣ, сабру таҳаммул, бурдборӣ ва ваҳдату ифтихори миллӣ ҳамеша мақоми баланд дорад.

Маҳз дар натиҷаи музокирот ва бо роҳи осоишта ҳал намудани ихтилофот фазои пуршиддати сиёсии Тоҷикистон тадриҷан мӯътадил гардида, оташи ҷанги бародаркуш хомӯш шуд ва миллати

мо аз вартаи ҳалокатбори парокандагӣ раҳо ёфт. Ба сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмию ризоят ва ваҳдати миллӣ расидани халқи мо шаҳодати пирӯзии ақли солим буд. Махсусан дар он рӯзҳои вазнин ба эътидол овардани вазъияти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва ба Ватан баргардонидани гурезаҳо фазои эътимоду бовариро афзуда, сулҳи деринтизори тоҷикон оқибат 27 июни соли 1997 фаро расид, ки онро мардуми тоҷик ҳар сол чун рӯзи Ваҳдати миллӣ ҷашн мегирад.

Роҳи сулҳ барои мо роҳи наҷоти миллат ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон буд. Мо ба остонаи сулҳ бо ранҷу азобҳо, заҳмату машаққатҳо, табодули афкори тарафайн, музокироти тӯлонӣ ва баҳсҳои дурудароз расида, оқибат осоишу амнияти кишварро таъмин намудем. Мардуми мо оқибатҳои ҷанги харобиоварро сари вақт дарк намуда, бо эътимоди қавӣ барои нигоҳ доштани давлати соҳибистиқлол, тамомияти арзӣ, ваҳдати миллӣ ва мустаҳкам шудани рукнҳои давлатдорӣ роҳи сулҳ ва сулҳофариро пазируфтанд. Ба азму иродаи сулҳпарваронаи халқ ва нерӯҳои солимфикри ҷомеа такя намуда, оқибат ба мақсад расидем.

Сулҳу осоиш ва ваҳдати миллӣ барои мо қутбномае гардид, ки дар заминаи он мо ба марҳилаи нави зиндагӣ — барқарорсозӣ ва ободонии Ватани азизамон рӯ оварем.

Имрӯз тарғибу талқини ғояҳои сулҳу амният, тинҷию осудагӣ, ватандӯстию ватанпарастӣ, худогоҳию худшиносӣ, ҳисси ифтихори миллӣ ва омӯхтани таъриху фарҳанги миллат вазифаи ҷонии ҳар фарди ҷомеа мебошад.

Дар таъмини сулҳу оштӣ дар Тоҷикистон саҳми Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ Э.Ш.Раҳмонов хеле бузург аст. Маҳз бо кӯшишҳои пайгиронаи ин фарзанди фарзонаи миллат созишномаи оштии миллӣ ба имзо расид ва марҳилаи душворе паси сар шуд. Э.Ш.Раҳмонов рисолати худро ҳамчун бунёдгузори давлатдории сифатан нав, ки дар пояи сиёсати ваҳдати миллӣ ва арзишҳои демокративу дунявӣ қарор мегирад, бо сарбаландӣ анҷом дод ва собит намуд, ки қодир аст, дар мураккабтарин ва печидатарин вазъияти сиёсиву иҷтимоӣ ва ҳарбӣ аз байни тадбирҳои гуногун маҳз

тадбири барои шароити муайян муносибро интихоб намояд ва истифода барад.

Президент Э.Ш.Раҳмонов тавонист, ки:

-миллати тоҷикро сарҷамъ намояд;

-ҳуввият ва ваҳдати миллӣ, сулҳхоҳӣ ва сулҳпазирии тоҷиконро эҳё намояд;

-миллатро як бори дигар ба худи миллат ва оламиён шиносонад;

-ифтихори миллиро дар рӯҳи фарзандони миллат бипарварад;

-моро ба созандагӣ ва офарандагӣ ҳидоят намояд;

-торҳои дӯстию рафоқатро миёни тамоми сокинони Тоҷикистон новобаста аз мансубияти миллию нажодӣ пайваст кунад.

Ҳақ бар ҷониби Президент Э.Ш.Раҳмонов аст, ки мегӯяд: «Бигузор асри XXI чун замони Сомониёни бузург барои миллати мо асри тиллоӣ гардад!».

### Савол ва супориш:

1. *Тоҷикистон аз кай ба тарғиби сулҳ пардохт?*
2. *Дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 11 дар чӣ хусус сухан меравад?*
3. *Фарҳанги сулҳ чист?*
4. *Чаро тамоми дунё ба таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон мароқ зоҳир карданд?*
5. *27 июн чӣ гуна рӯзест?*
6. *Саҳми Президенти Тоҷикистон дар таъмини сулҳу оштӣ дар чист?*
7. *Президенти кишвар кадом корҳоро анҷом дод?*
8. *Президент Э.Ш.Раҳмонов дар асри 21 Тоҷикистонро чӣ гуна дидан мехоҳад?*

## Дарсҳои 31-34.

## ИНТИХОБИ МАВЗӮЪҲО БО САЛОҲДИДИ ОМӮЗГОР

# МУНДАРИҶА

**СИНФИ 3**

**ДАРСҲОИ 1-5. ТОҶИКИСТОН-ВАТАНИ МО**

**Дарси 1.** Ватанам-ифтихорам....................3-5
**Дарси 2.** Ватан-модар....................5-7
**Дарси 3.** Муҳофизони фардои Ватан....................7-9
**Дарсҳои 4-5.** Шеърҳо дар васфи Тоҷикистон
Назри Яздон «Тоҷикистон», Ҳақназар Ғоиб «Тоҷикистон»,
Низом Қосим «Умеди эҳё»....................9-11

**ДАРСҲОИ 6-11. КОНСТИТУТСИЯ ВА ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТИ МО**

**Дарси 6.** Сарқонун-ҳуҷҷати сарнавиштсоз....................12-14
**Дарсҳои 7-8.** Ҳуқуқ ва вазифаҳои ман дар Конститутсия....................14-16
**Дарсҳои 9-10.** Наҷотбахши миллат....................17-19
**Дарси 11.** Президент ва бачаҳо. Раҳмат Назрӣ «Ишқи Ватан»....................20-21

**ДАРСҲОИ 12-21. МУҚАДДАСОТИ ДАВЛАТИЮ МИЛЛИИ МО**

**Дарси 12.** Муқаддасоти давлат....................22-24
**Дарсҳои 13-14.** Рамзҳои давлатӣ....................24-26
**Дарси 15.** Суруди миллӣ....................27-28
**Дарси 16.** Асъори миллии мо....................29-30
**Дарси 17.** Тоҷ ва тоҷик....................30-31
**Дарси 18.** Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон....................32-33
**Дарси 19.** Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон....................34-35
**Дарсҳои 20-21.** Рамзҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон....................36-39

**ДАРСҲОИ 22-25. ЗАБОН - ҲАСТИИ МИЛЛАТ**

**Дарси 22.** Забони мо-ҷаҳони мо....................40-42
**Дарсҳои 23-24.** Таъкидҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Э.Ш.Раҳмонов дар ситоиши забон....................43-46
**Дарси 25.** Дастур барои соҳибзабонон....................46-48

**ДАРСҲОИ 26-30. ҶАШНҲОИ МИЛЛИИ ВАТАНИ МО**

**Дарси 26.** Ҷашни истиқлолият. Саидалӣ Маъмур «Тоҷикистон»....49-51
**Дарси 27.** Душанбе-пойтахти Ватани мо....................52-53
**Дарси 28.** Чароғи зиндагӣ....................54-57

**Дарси 29.** Шаҳрҳои дигари Ватани мо....57
Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Норак, Хуҷанд, Хоруғ....57-62
**Дарси 30.** Мӯъҷизаи Исфара....62-63
ДАРСҲОИ 31-34. ИНТИХОБИ МАВЗӮЪҲО БО САЛОҲДИДИ ОМӮЗГОР

СИНФИ 4
ДАРСҲОИ 1-4. ВАТАНИ НИЁГОНИ (БОБОИИ) МО
Дарсҳои 1-2. Нажоди Ориё....64-67
Дарси 3. Аз таърихи «Авасто»....67-69
Дарси 4. Ноҳид (Аноҳита)....69-71
ДАРСҲОИ 5-13. МУБОРИЗАИ ХАЛҚИ ТОҶИК БАРОИ ҲИМОЯИ ВАТАН
Дарси 5. Таърих гувоҳ аст....71-72
Дарси 6. Рӯҳи бешикаст....73-74
Дарсҳои 7-8. Садди Хатлон....74-77
Дарси 9. Спитамен....77-79
Дарси 10. Куруши Кабир....79-80
Дарси 11. Томирис....80-84
Дарси 12. Муҳаммадалии Аҷамӣ. "Ватан"....84-86
Дарси 13. Мӯъмин Қаноат. "Қатли Восеъ"....86-87
ДАРСҲОИ 14-18. ИСМОИЛИ СОМОНӢ-АСОСГУЗОРИ ДАВЛАТИ ТОҶИКОН
Дарси 14. Давлати Сомониён....88-90
Дарсҳои 15-16. Девори Бухоро....90-92
Дарси 17. Пайкараи меҳр....93-95
Дарси 18. Лоиқ. "Хоки Ватан"....95-96
ДАРСҲОИ 19-26. НАВРӮЗ-ҶАШНИ МИЛЛИИ МО
Дарсҳои 19-21. Наврӯз ва пайдоиши он....97-100
Дарсҳои 22-24. Русуми наврӯзӣ....101-105
Дарси 25-26. Идҳои Рамазон ва Қурбон....105-107
ДАРСҲОИ 27-30. СУЛҲ-АРЗИШИ МИЛЛИИ МО
Дарсҳои 27-28. Фарҳанги сулҳ-арзиши бузурги миллии мо.
Маҳмадалишоҳ Ҳайдаршоҳ. "Сулҳномаи кишвар"....108-109
Дарсҳои 29-30. Сулҳи деринтизори мо омад....110-113
ДАРСҲОИ 31-34. ИНТИХОБИ МАВЗӮЪҲО БО САЛОҲДИДИ ОМӮЗГОР